бонкҳо ба рафоқату ширкатҳо ё худ тоҷирони калон қарзро ба ивази 8-10 фоиз диҳанд, дар маҳалҳои наздики бонк он қарз баъзан ба ивази 12-15 фоиз дастраси деҳқонон мешуд. Вале дар гӯшаҳои дурдаст, ки рақобат вуҷуд надошт, фоизи қарз 50-60 фоиз ва ҳатто аз он ҳам зиёд мешуд. Аз ин рӯ, баъзе ширкатҳо манфиатдор буданд, ки қарзро аз бонкҳо гирифта, ба маҳалҳои дурдаст баранд. Зеро, дар чунин маҳалҳо, аз як тараф рақобат вуҷуд надошт, аз тарафи дигар ширкатҳо фоизи қарзро мувофиқи хости худ боло бардошта метавонистанд.

Дар шароити Осиёи Марказӣ амалиёти пахта аз кишти пунба сар карда, то ба марказҳои саноатӣ расонидани нахи он ҳама дар зери назорати сармоягузорони бонкҳо буданд.

Чӣ хеле ки дар боло ишора шуд барои мутобиқ гардонидани фаъолияти бонкҳо дар шароити Осиёи Марказӣ, махсусан барои амалӣ гардидани амалиёти қарздиҳии онҳо, рафоқатҳо ва ширкатҳо нақши махсусро бозидаанд. Ширкатҳо ва рафоқатҳое, ки солҳои 70-90-и асри XIX дар Осиёи Марказӣ амал мекарданд, аксарият рафоқат ва ширкатҳои москвагӣ ва ё худ дигар шаҳрҳои марказии Русия буданд. Вале онҳо ҳам



*Лаҳзаи хариду фурӯши пахта дар майдони яке аз заводҳои пахтатозакунӣ*

дар амалиёт бахри инкишофи фаъолияти худ, ба тоҷирони маҳаллӣ такя мекарданд. Дар натиҷа, минбаъд аз ҳисоби тоҷирони маҳаллӣ бунёдкунандагони ширкатҳо, баъдтар рафоқатҳои бузург сабзида расидаанд, ки мисоли онро дар симои ширкатҳои бародарон Вадяевҳо, Р.Ш. Потеляхов ва ғайраҳо дида метавонем.

Масалан, 24 ноябри соли 1894 шӯъбаи Қӯқандии бонки Давлатии Русия ба тоҷирони начандон номӣ, бародарон Вадяевҳо (яҳудиёни бухорой) 50 ҳазор сӯм қарз дода буд. 21 июли соли 1900 ҳамон шӯъба кордонии онҳоро ба инобат гирифта миқдори қарзро то ба 100 ҳазор сӯм зиёд намуд. Ин гуна кӯмаки бонкӣ ба бародарон Вадяевҳо имконият дод, ки 28 феврали соли 1902 дар Қӯқанд ширкати мустақили худро ба номи «Хонаи тиҷоратии бародарон Вадяевҳо», бо сармояи 70 ҳазор сӯм, бунёд кунанд. Мақсади ин ширкат асосан хариду фурӯши пахта, фурӯши маҳсулоти саноатӣ ва ғайра ба ҳисоб мерафт. Махсусан кордонии Ёқуб ва Сион Вадяевҳо диққати амалдорони бонкҳои марказии русиягиро ба худ ҷалб карда буд. Пас аз ташкил ёфтани ширкат, бонки Давлатӣ миқдори қарзи Вадяевҳоро боз ҳам зиёдтар намуд, ки он соли 1903 то ба 200 ҳазор сӯм ва соли 1907 то ба 250 ҳазор сӯм афзуд.

Бародарон Вадяевҳо баъди дар Осиёи Марказӣ паҳн гардидани фаъолияти бонкҳои марказии тиҷоратии русиягӣ шахсони бовариноки бисёре аз онҳо гардида буданд. Дар натиҷа бародарон Вадяевҳо дар қатори бонки Давлатӣ аз дигар бонкҳои тиҷоратии марказӣ низ қарзҳои зиёди нисбатан имтиёзнок гирифта ба амалиёт даровардаанд. Дар замони афзудани рақобати байни бонкҳо наздикшавии ширкати Вадяевҳо бо бонки тиҷоратии марказӣ -Русию Осиёгӣ аҳамияти махсус дошт ва он 11 майи соли 1912 ба ташкил додани ширкати боз ҳам калонтар «Рафоқати тиҷоратию саноатии Вадяевҳо» оварда расонид.

Дар рафоқат низ бародарон Сион ва Ёқуб нақши роҳбарикунандагиро бозиданд. Аз ширкати собиқи Вадяевҳо ба рафоқат амалиёти пахта ва заводҳои пахтатозакунӣ гузашт. Охири соли 1913 дар ихтиёри ин рафоқат аллакай 9 заводи шахсии пахтатозакунӣ ва 15 заводи ба иҷора гирифташуда,

яъне ҷамъ 24 заводи пахтатозакунӣ кор мекард. Охири соли 1915 шумораи он заводҳои пахтатозакунӣ ба 28 адад расид, ки аз онҳо 12 заводи худи ширкат ва 16 заводи иҷоравӣ буд.

Бонки Русию Осиёгӣ, ки дар қатори бародарон Вадяевҳо ҳамчун бунёдгузори рафоқат ба ҳисоб мерафт, дар муддати фаъолияти якҷоя бо ширкат (солҳои 1912-1915) ба он маблағи хеле зиёди имтиёзнок дода буд. Рафоқат маҳз ба шарофати ин бонк аз 1 ноябри соли 1913 то майи соли 1914, ба деҳқонони пахтакор, ба миқдори зиёда аз 12,5 млн сӯм қарз додааст. Дар натиҷа, миқдори умумии қарзи ба деҳқонон додаи рафоқат зиёда аз 36 млн сӯмро ташкил намудааст.

Рафоқати Вадяевҳо сол аз сол пурқувват мегардид. Аз панҷ як ҳиссаи пахтаи Осиёи Марказӣ танҳо ба воситаи ҳамин рафоқат ба марказҳои саноатии Русия фиристода мешуд. Дар соли 1915 рафоқат бо бонкҳои гуногун алоқа дошт. Вай ҳиссаи асосии саҳмҳои яке аз ҷамъиятҳои калонтарини саҳҳомии Русия «Салолин»-ро низ ба даст даровард. Дар натиҷа рафоқати Вадяевҳо дар арафаи маҳви тартиботи подшоҳии Русия ба қатори рафоқатҳои бузургтарини соҳаи саноати сабуки империя (махсусан дар соҳаи пахта, равған ва маргарин) дохил гардид.

Фаъолияти рафоқатҳо нисбат ба ширкатҳо хеле васеъ буд. Аз ин ҷиҳат ташкилёбии рафоқати Вадяевҳо ва баъд рафоқати Потеляхов аз хусуси кӯшиши бунёди иттиҳодияҳои монополистӣ дар Осиёи Марказӣ дарак медод.

**Ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ**

Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX чун дар тамоми империяи Русия дар шароити кишвари Туркистон ҳам яке аз вазифаҳои навбатии ҳукумати подшоҳӣ ин наҷот додани хоҷагиҳои деҳқонони миёнаҳол ба ҳисоб мерафт. Онҳо дар ин соҳа роҳи ягонаи наҷотро дар ҷорӣ намудани амалиёти ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ медиданд.

Ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ чун дар тамоми Русия, дар кишвари Туркистон ҳам бояд мувофиқи қонуни 7 июни соли 1904 бунёд мегардид. Дар асоси он қонун се намуди чунин ташкилотҳо пешбинӣ шуда буд: рафоқати қарздиҳӣ, рафоқати қарздиҳии амонатӣ ва кассаҳои ҷамъиятии амонатӣ. Соли 1905

оиди ҳар кадоми ин шаклҳо оинномаҳои махсус бароварда шуд. Мувофиқи он ҳуҷҷатҳо рафоқати қарздиҳӣ танҳо аз ҳисоби маблағи бонки Давлатӣ ташкил меёфт, бинобар ин нисбати аъзоёни худ, ҳаққи аъзогӣ надошт. Ҳангоми амалиёти мусбати рафоқат бонки Давлатӣ нисбати он сари чанд вақт миқдори қарзи худро зиёд мекард. Даромад ва зарари рафоқати қарздиҳӣ ба ӯҳдаи давлат мегузашт.

Рафоқати қарздиҳии амонатӣ бошад дар асоси ҳаққи аъзогии бунёдкунандагонаш ташкил карда мешуд ва даромаднокӣ, яъне ҳаққи аъзогии саҳм (дивидент) ҳам ба фоидаи аъзоён буд. Фақат баъди як соли фаъолияти мусбат чунин рафоқатҳо метавонистанд аз қарзи бонки Давлатӣ истифода баранд. Ҳангоми пароканда ва ё қатъ намудани фаъолияти онҳо тамоми маблағашон дар байни аъзоён-бунёдгузоронашон тақсим карда мешуд. Барои ташкил намудани ҳар ду шакли рафоқатҳои номбурда, яъне рафоқатҳои қарздиҳӣ ва қарздиҳии амонатӣ ариза бо имзои зиёда аз 20 нафар шахсони алоҳида зарур буд. Яъне, ташкил намудани чунин ташкилотҳо аз ташаббуси худи истеҳсолкунандагони хурд – деҳқонон, ҳунармандон ва косибон вобастагӣ дошт.

Фарқияти шакли сеюми ташкилот, яъне кассаҳои ҷамъияти қарздиҳии амонатӣ аз рафоқатҳои номбурда дар он аст, ки ин ташкилот бо ташаббуси ҷамъиятҳои алоҳида ё ҷамъиятҳои қишлоқӣ ташкил карда мешуд.

Дар шароити кишвари Туркистон аз ҳар се шаклҳои номбурда танҳо ду шакли аввала, рафоқатҳои қарздиҳӣ ва қарздиҳии амонатӣ ташкил карда шуданд.

Ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ қарзро ба таври имтиёзнок танҳо ба аъзоёни худ, ба миқдори барои ҳар як кас то ҳазор сӯм, ба ивази то 12 фоизи солона медод. Қарзи дарозмуддат то 5 сол ва кӯтоҳмуддат то 1 сол муайян карда шуда буд.

Дар қаламрави кишвари Туркистон соли 1907 аввалин рафоқати қарздиҳӣ дар вилояти Фарғона ташкил карда шуд. Аз соли 1910 чунин рафоқатҳо ба тарзи оммавӣ бунёд гардиданд. Соли 1917 шумораи умумии онҳо ба 900 адад расид. Аз ин ҳисоб тахминан 340 рафоқатҳои қарздиҳӣ ва бештар аз 500

рафоқатҳои қарздиҳии амонатӣ буданд. Шумораи умумии аъзоёни ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ танҳо дар вилоятҳои Фарғона, Самарқанд ва Сирдарёи кишвари Туркистон то ба 200 ҳазор нафар расида буд.

Аз сабаби он ки талаботи истеҳсолкунандагон нисбат ба қарз хеле зиёд буд, бинобар ин баробари афзудани шумораи ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ, маблағи онҳо низ меафзуд. Фақат соли 1917 аз тарафи тамоми ташкилотҳои хурди қарздиҳии кишвар (ба ғайр аз вилояти Моварои Каспӣ) ба истеҳсолкунандагон қариб 51 млн сӯм қарзи имтиёзнок дода шуд.

Фаъолияти ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ ноҳияҳои пахтакор, ғаллакор, чорводор, маҳалҳои ҳунармандону косибони танҳо кишвари Туркистонро фаро гирифта буд. Бисёр хоҷагиҳои ноҳияҳои имрӯзаи Тоҷикистони Шимолӣ низ ба доираи фаъолияти ин ташкилотҳо дохил мешуданд. Ба ин фаъолияти рафоқатҳои қарздиҳии Ӯротеппа, Нов, Қистакӯз, Исфисор, Ғулакандоз, Исфара, Махрам ва ғайра мисол шуда метавонанд. Ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ баробари мустаҳкамшавӣ ва васеъ намудани фаъолияти худ инчунин вазифаи миёнаравиро низ ба ӯҳда доштанд, яъне аъзоёнашонро бо олатҳои кишоварзӣ, пунбаи тухмӣ, тухми кирмак, ғалла ва ғайра таъмин мекарданд.

Дар шароити кишвари Туркистон ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ, барои дастгирӣ ва инкишофи хоҷагии деҳқонони миёнаҳол, ҳунармандон ва косибон нақши муҳим бозидаанд. Ин раванд харчанд истеҳсолкунандагонро аз панҷаи миёнаравон, махсусан, судхӯрон пурра халос карда натавониста бошад ҳам, вале ба ҳар ҳол ба хоҷагиҳои миёнаҳолон дасти ёрӣ дароз карда, қисми зиёди онҳоро аз кашшоқу харобгарӣ эмин нигоҳ дошт.

**Сарчашма:**

С. Айнӣ дар бораи амалиёти векселии бонкҳо ва миёнаравҳо, ки баъзан ба фоидаи худ, бо роҳи судхӯрӣ онро сӯиистеъмол мекарданд навиштааст: «...Дар вақтҳои болоравии амалиёти судхӯрии Қорӣ-Ишкамба дар Осиёи Миёна, аз он ҷумла дар Бухоро аз тарафи буржуазияи молии Русияи подшоҳӣ

бонкҳо кушода шуда, дар додугирифти савдогарон ва судхӯрони калон ба сифати ҳуҷҷати қарздорӣ вексел ҷорӣ шуда, васиқаи қозихонагӣ дар муомилотҳои пулӣ обрӯи худро гум карда буд... бинобар ин.... бештарини савдогарон ва судхӯрони калон... дар муомилоти байни худ ва дигарон ба сифати як ҳуҷҷати қатъӣ векселро қабул карданд, ки ба муқобили вай дар маҳкамаҳои Бухоро даъвоеро бардоштан мумкин набуд.

Вексел ду навъ буд – мӯҳлатнок ва бемӯҳлат. Дар векселй мӯҳлатнок рӯзи адои қарз муайян карда навишта мешуд ва қарздор маҷбур буд, ки дар ҳамон рӯзи муайянкардашуда қарзи худро адо намояд, вагарна молу мулкаш бо музояда (торги) фурӯхта шуда маблағи қарз рӯёнида мешуд.

Дар векселй бемӯҳлат рӯзи адои қарз навишта намешуд ва вақти адои ин гуна қарз ба талаби қарзхоҳ вобаста буд, қарзхоҳ кадом вақт ки хоҳад, маблағи дар вексел қайдшударо аз қарздор талаб карда гирифта метавонист.

Ана ҳамин хусусияти векселй бемӯҳлат, ки онро векселй сафед ҳам мегуфтанд, барои пӯст кандани деҳқонони меҳнаткаши бесавод, дар дасти судхӯрон хизмати корди буррои қассобиро ба ҷо меовард. Чунончӣ, як судхӯр ба як деҳқон дусад сӯм пули нақд дода, фоидаи яксолаашро, масалан, сад сӯм ҳисоб карда, ин маблағро ба тани пул зам намуда, аз деҳқон векселй сафеди сесадсӯмиро даст монда мегирифт.

Судхӯр ба деҳқон барои адои қарз, забонӣ як сол мӯҳлат дода бошад ҳам, азбаски ин мӯҳлат дар вексел қайд намеёфт, баъд аз ду моҳ, векселро ба воситаи нотариус протест кунонда, маблағи дар вай қайдшударо, яъне тани пулро бо фоидаи яксолааш аз деҳқон меситонд ва агар деҳқон надиҳад ё дода натавонад, ба воситаи иҷрокунандаи ҳукми суд ва мулозими қозӣ молу мулки ӯро ба музояда (савдои «кӣ зиёд?») фурӯшонда маблағи дар вексел қайдшударо мерӯёнид». (*Ниг.*: Айнӣ С. Марги судхӯр. Куллиёт. Ҷилди 4. – Душанбе, 1961. – с.8-9)

**Санаҳои муҳим:**

1870 – таклифи генерал-губернатори Туркистон Кауфман оид ба зарурияти кассаҳои қарздиҳии уездӣ дар шароити кишвари Туркистон

1875 – 10-май – дар шаҳри Тошкент кушодани шӯъбаи бонки Давлатии Русия. Ин аввалин ташкилоти бонкӣ дар қаламрави Осиёи Марказӣ мебошад.

1876 – бунёди аввалин кассаи қарздиҳии уездӣ дар Намангон.

1890-1917 – дар қаламрави Осиёи Марказӣ кушодани ташкилотҳои гуногуни бонкҳои марказии Русия ва ба вуҷуд омадани бонкҳои маҳаллӣ

1904 – 7 июн – қонун дар бораи ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ

1907 бунёди аввалин ташкилоти хурди қарздиҳӣ дар вилояти Фарғона

1912 – 11 май – ташкил намудани Рафоқати тиҷоратию саноатии Вадяевҳо

**Савол ва супоришҳо:**

1) Кассаҳои қарздиҳии уездӣ бо кадом мақсад ва дар кадом қисми қаламрави Осиёи Марказӣ ташкил карда шуданд? 2) Дар бораи фаъолияти қарздиҳии ширкатҳои марказии Русия дар Осиёи Миёна чӣ медонед? 3) Бонкҳои марказии Русияро, ки дар қаламрави Осиёи Марказӣ амал мекарданд, номбар кунед. 4) Миёнаравҳо киҳо буданд ва зарурияти онҳо барои фаъолияти бонкҳо дар чист? 5) Дар бораи ширкатҳо ва рафоқатҳои маҳаллӣ чӣ медонед? 6) Бародарон Вадяевҳо чӣ тавр ба муваффақиятҳои бузург сазовор гардиданд? 7) Зарурият барои барпо намудани ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ дар чист ва аҳамияти онҳоро дар чӣ мебинед? 8) Ташаббуси ташкил намудани ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ дар ихтиёри кӣ буд? 9) §§2, 18, 19 ва 20-ро такрор намоед.

# БОБИ 7

## §23. ТАРКИБИ ИҶТИМОИИ ХАЛҚҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

### Миллату халқҳо ва табақаи иҷтимоӣ

Дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX дар Осиёи Марказӣ асосан тоҷикон, ӯзбекҳо, туркманҳо, қирғизҳо, қазоқҳо, қароқалпоқҳо, ки ҳамчун мардуми муқимии ин сарзамин ба ҳисоб мерафтанд, зиндагӣ мекарданд. Ба ғайр аз онҳо, махсусан, дар шаҳрҳои бостонии Бухоро, Самарқанд ва дигар шаҳрҳо яҳудиён зиндагӣ мекарданд, ки онҳоро бо тарзи умумӣ «яҳудиёни бухороӣ» мегуфтанд. Дар баъзе шаҳру ноҳияҳо, махсусан, дар шаҳрҳои Бухорою Самарқанд ва атрофи онҳо эрониён, дар баъзе ноҳияҳои кишвар арабҳо низ мезистанд. Аз нимаи дуюми солҳои 60-уми асри XIX сар карда дар ҳудуди Осиёи Марказӣ муқимгардии русҳо ва дигар халқҳои аврупоӣ, ки бо тарзи умумӣ «русзабонҳо» мегуфтанд, оғоз гардид.

То инкишофи муносибатҳои молию пулӣ дар қаламрави Осиёи Марказӣ мардуми асосӣ аз рӯи табақаҳои иҷтимоӣ ба деҳқонон, чорводорон, феодалон (бойҳо ё худ заминдорони калон), рӯҳониён, тоҷирон, ҳунармандон ва косибон тақсим мешуданд. Бо инкишофи муносибатҳои молию пулӣ, ки аз нимаи дуюми асри XIX оғоз гардид, аз ҳисоби халқҳои маҳаллӣ низ ташаккулёбии табақаҳои нави иҷтимоӣ – коргарон ва буржуазияи миллӣ оғоз шуд. Амалдорони маҳаллӣ асосан аз ҷумлаи феодалон ва рӯҳониён, баъзан тоҷирон буданд.

### Оғози ташаккулёбии синфи коргари миллӣ

Ибтидои ташаккулёбии синфи коргар дар Осиёи Марказӣ асосан ба солҳои 80-90-и асри XIX мувофиқ меояд. Зеро ба вуҷудоӣ ва инкишофи

соҳаҳои гуногуни саноат ва сохтмони роҳҳои оҳан маҳз ба ин солҳо хос аст.

Шумораи коргарон аз иқтидори заводҳо ва корҳои сохтмони роҳҳои оҳан вобастагӣ дошт. Мувофиқи баъзе маълумотҳо, танҳо дар кишвари Туркистон, то охири асри XIX, шумораи умумии коргарони корхонаҳои саноатӣ тақрибан 10 ҳазор нафар будаанд, ки аз онҳо 70,7 фоизро намояндагони халқҳои маҳаллӣ ташкил мекардаанд. Ҳиссаи коргарони маҳаллӣ, махсусан, дар вилояти Фарғона зиёд буда, он 79,3 фоизро ташкил медод. Сабаби ин пеш аз ҳама дар он аст, ки аксарияти кулли коргарони заводҳои пахтатозакунӣ аз мардуми маҳаллӣ буданд. Тақрибан сеяки ҳиссаи коргарони заводҳои пахтатозакунии вилояти Фарғонаро мардуми Қаротегин, ки бечоратарин мардуми аморати Бухоро ба ҳисоб мерафтанд, ташкил мекарданд.

Дар ибтидои асри XX қисме аз корхонаҳои Осиёи Марказӣ ҳаҷман васеъ ва сифатан беҳтар гардида, дорои шумораи зиёди коргарон мешуданд. Масалан, дар вилояти Фарғона,



*Намуди дохилии хонаи яке аз бойҳои шаҳри Самарқанд (аввали асри XX)*

мувофиқи маълумоти соли 1914 дар се заводи пахтатозакунии Миркомил Мӯъминбоев – 125 нафар коргар, дар заводи қандпазии (аз лаблабуи қанд) Каунчии уезди Тошкент аз ҳама зиёд – ҳазор нафар коргар кор мекард. Вале ҳанӯз заводҳое низ буданд, ки онҳо ҳамагӣ 8-10 нафар коргар доштанду халос.

Дар сарзамини имрӯзаи Тоҷикистон аввалин намояндагони синфи коргар дар гурӯҳи ноҳияҳои шимолии ҷумҳурӣ,



*Ҳайати оилаи тоҷири бадавлати яҳудии бухороӣ*

махсусан, дар шаҳри Хуҷанд ва атрофи он ташаккул меёфт. Масалан, соли 1916 танҳо дар корхонаҳои саноатии уезди Хуҷанд – 416 нафар коргар, дар кони ангишти Сулукта – 580 нафар коргар кор мекарданд. Вале дар Хуҷанд ҳам ба монанди бисёр дигар шаҳрҳои қадимаи Осиёи Марказӣ, ҳанӯз миқдори зиёди коргаронро коргарони корхонаҳои ҳунармандӣ ва косибӣ ташкил медоданд. Мувофиқи баъзе маълумотҳо соли 1916 шумораи чунин коргарон дар уезди Хуҷанд ба 2492 нафар

расидааст. Аз ин аснод маълум мешавад, ки дар уезди Хуҷанд миқдори коргарони корхонаҳои ҳунармандию косибӣ нисбат ба коргарони корхонаҳои саноатӣ хеле зиёд будаанд.

Миқдори муайяни коргарон дар корхонаҳои ҳунармандию косибии Ӯротеппа, Исфара, Конибодом, Панҷакент, Ҳисор, Қаратоғ, Душанбе, Кӯлоб, Қурғонтеппа, Дарвоз, Ғарм ва дигар ҷойҳо низ кор мекарданд. Дар бисёри ин корхонаҳо фаъолияти меҳнатии коргарон мавсимӣ ё худ оилавӣ буд. Қисме аз коргарон бо корҳои деҳқонӣ (кишоварзӣ) ва чорводорӣ низ машғул буданд.

Дар сарзамини Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубии имрӯза марҳилаи ташаккулёбии синфи коргар дар ибтидои асри XX ҳанӯз ҳам хеле суст буд. Вале яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи ташаккулёбии синфи коргар дар ин қисми Тоҷикистони то шӯравӣ он аст, ки як ҳиссаи мардуми он ҳар сол ба шаҳрҳои гуногуни кишвари Туркистон ва маркази аморати Бухоро рафта, дар заводҳо, фабрикаҳо, корхонаҳои хурди ҳунармандию косибӣ ва ҳатто дар хоҷагиҳои заминдорони водиҳои Зарафшону Фарғона кор мекарданд. Яъне дар ин сарзамин синфи коргар аз ҳисоби ҳамин гуна мардикорон ташаккул меёфт.

**Оғози ташаккулёбии буржуазияи миллӣ**

Ҷараёни ташаккулёбии буржуазияи миллиро инкишофи муносибатҳои молию пулӣ ва васеъ гардидани амалиёти сармояи бонкӣ тезонид. Зеро, шӯъбаҳои Осиёимиёнагии бонкҳои марказӣ дар шароити кишвар аз кӯмаки миёнаравҳо васеъ истифода мебурданд. Аксарияти миёнаравҳо аз мардуми маҳаллӣ, махсусан, тоҷикон, ӯзбекҳо ва яҳудиён иборат буданд. Онҳо баробари қарзро ба истеҳсолкунандагон, ба ивази фоизи баланд расонидан, инчунин аз истеҳсолкунандагон маҳсулотро харида, ба рафоқату ширкатҳо ва савдогарони калон мефурӯхтанд, ё худ, агар худ намояндаи онҳо бошанд, он маҳсулотҳоро ба нуқтаҳои таъиншуда мерасониданд. Дар натиҷаи чунин амалиёт миёнаравҳо оҳиста-оҳиста бою бадавлат мешуданд, худ соҳиби маблағ ва

мулкҳои зиёд гардида, барои ташаккулёбии буржуазияи миллӣ ибтидо мегузоштанд.

Дар шароити Осиёи Марказӣ дар ҳайати буржуазияи навташаккулёфтаистода фарқияти ҷиддие мавҷуд буд. Масалан, намояндагони буржуазияи миллии водии Фарғона даромади худро бештар барои ба вуҷуд овардани соҳаҳои гуногуни саноат сарф менамуданд. Аз ҳамин сабаб ҳам дар шаҳру ноҳияҳои водӣ, аз он ҷумла уезди Хуҷанд (агарчанде он аз ҷиҳати маъмурӣ ба вилояти Самарқанд дохил мешуд) соҳаҳои гуногуни саноат сол аз сол меафзуд. Дар натиҷа буржуазияи навташкилшудаистодаи водии Фарғона аз намояндаи буржуазияи тиҷоратӣ ба буржуазияи саноатӣ ё худ саноатию тиҷоратӣ табдил меёфт.

Аммо тарзи ташаккулёбии буржуазияи миллӣ дар аморати Бухоро аз тарзи ташаккулёбии буржуазияи миллии водии Фарғона тамоман фарқ мекард. Чунончӣ, ҳарчанд дар аморати Бухоро миллионерҳои маҳаллӣ хеле зиёд буданд, вале аксари онҳо даромади худро бештар ба тиллою нуқра ва дигар сангҳои қимматбаҳо табдил дода, барои сохтани заводу фабрикаҳои нав чандон ҳавасманд набуданд. Аз ин рӯ, тараққиёт дар соҳаҳои гуногуни саноати сарзамини аморати Бухоро хеле суст ба назар мерасид. Ҳол он ки эҳтиёҷ ба хелҳои гуногуни он, чун дар водии Фарғона, дар Бухоро ҳам зиёд буд.

Дар натиҷа буржуазияи навтавлидёфтаистодаи Бухоро на ин ки чун буржуазияи саноатӣ, балки буржуазияи тиҷоратӣ ва судхӯр ба ҳисоб мерафт. Чунин ҳолат ба буржуазияи Самарқанд ва Хева ҳам хос аст.

### Таркиби табақаҳои иҷтимоии тоҷикон

Чун дигар халқҳои муқимии Осиёи Марказӣ таркиби табақаҳои иҷтимоии тоҷикон низ якхела набуд. Масалан, дар шароити аморати Бухоро ва кишвари Туркистон аз байни тоҷикон шахсоне баромада буданд, ки онҳо мансабҳои гуногун, ҳатто дар шароити аморат мансабҳои масъулро ба ӯҳда доштанд. Масалан, дар Бухоро, оилаи Арабовҳо, Мансуровҳо, Қосимхӯҷаевҳо ва дигарҳо чун миллионерҳои давр

– намояндагони буржуазияи миллӣ ташаккулёфта буданд. Дар шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд ва Ӯротеппа аксари тоҷирон, косибон, ҳунармандон аз ҷумлаи тоҷикон ба ҳисоб мерафтанд. Дар қаламрави аморати Бухоро ва баъзе ноҳияю вилоятҳои кишвари Туркистон аз ҳисоби тоҷикон заминдорони калон – феодалон ҳам бисёр буданд. Вале аксари тоҷикон дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX бо касби деҳқонӣ машғул буданд ва зиндагии фақирона доштанд.

**Сарчашма:**

Маъхазҳои бойгонӣ оид ба музди кор дар Осиёи Марказӣ дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX чунин маълумот медиҳанд: Чуноне ки маълум мешавад, дар заводи равғанкашии дар шаҳри Чуст доштаи ширкати «К.М.Соловев ва К°», ки ҳамагӣ 75 нафар коргар кор мекарданд, музди меҳнати солонаи ҳар яки онҳо 400-500 сӯмро ташкил медод. Агар аз ин миқдор коргари завод дар муддати сол барои хӯроки худ 200-250 сӯм харҷ кунад, боқӣ 200-250 сӯми дигарро метавонист барои сарфи оилааш захира намояд. Вале вазъи коргароне, ки дар соҳаи кишоварзӣ кор мекарданд, нисбатан хеле душвор буд.

Масалан, хоҷагии Баротбой Муродбоев, аз волости Маҳаллаи уезди Самарқанд, иборат аз 1,5 десятина замини корам буд. Дар он якчанд нафар коргарони баромадашон аз Мастчоҳ, Панҷакент, Шаҳрисабз ва дигар мулкҳои вилояти Самарқанду аморати Бухоро кор мекарданд. Соҳиби мулк ба ивази меҳнати солонаи коргарон 40-50 сӯм (боз ду бар либос = 20 сӯм), ба ивази меҳнати моҳонаи коргарон (тобистон) 7 сӯму 50 тин, ба ивази кори рӯзбай 25 тин музд медод. Барои хӯрокаи коргари кироя соҳиби мулк дар як рӯз 12 тин харҷ мекард. Ба харҷи ҳаррӯза ҳароҷот барои нон, мевае, ки дар хоҷагӣ ҳаст (себ, ангур, анор, мавиз, зардолу, шафтолу, ғӯлинг ва ғайраҳо), ҳар рӯз як бор хӯроки гарм, дар як ҳафта як маротиба шӯрбо, баъзан гӯштбирён ё худ оши палав, дар як рӯз ду маротиба чой (яъне нону чой, саҳари ширчой) дохил мешуд. Ҳамаи ин хароҷотҳо бо ҳисоби миёна дар як рӯз ба 10-12 тин мувофиқ меомад. (Бойгонии марказии давлатии таърихии шаҳри Москва. Ф.278. рӯйхати 3. Ҷилди 11, Ҳуҷҷати 585. – варақҳои 2-80; рӯйхати 4. Ҳуҷҷати 178. – Варақҳои 78-80, 112 ).

**Санаҳои муҳим:**

Солҳои 80-90-и асри XIX – оғози ташкилёбии синфи коргар ва буржуазияи миллӣ дар Осиёи Марказӣ.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Миллату халқиятҳои Осиёи Марказӣ ва табақаҳои иҷтимоии онҳоро дар охири асри XIX ва аввали асри XX номбар кунед. 2) Ташаккулёбии синфи коргари миллӣ кай ва чӣ тавр оғоз гардидааст? 3) Оид ба оғози ташаккулёбии буржуазияи миллӣ чӣ медонед? 4) Таркиби табақаҳои иҷтимоии тоҷикон дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX чӣ тавр буд? 5) §§20, 21, 22-ро такрор намоед.

# БОБИ 8
# ҲАРАКАТҲОИ ИҶТИМОӢ, МАЗҲАБӢ ВА МИЛЛИЮ ОЗОДИХОҲӢ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

## §24. ҶУНБИШҲОИ МАРДУМӢ ДАР СОЛҲОИ 70-80-УМИ АСРИ XIX. ШӮРИШИ ВОСЕЪ

### Ҷунбишҳои мардумӣ дар кишвари Туркистон

Ба тасарруфи Русия гузаштани Осиёи Марказӣ аҳволи мардумро чандон беҳтар накард. Инкишофи муносибатҳои молию пулӣ як қисми деҳқонон, косибон ва ҳунармандонро хонахароб намуд. Худсариҳои амалдорони маҳаллӣ ҳадду канор надошт. Истеҳсолкунандагон ҳарчанд маҳсулоти зиёд ба даст даранд ҳам, вале он бо роҳҳои гуногун: ба воситаи андозҳо, баргардонидани қарз ва ғайра насиби ҳаннотон мегардид. Бинобар ин халқи мазлуми меҳнаткаш ба душвориҳои давр тоб наоварда ба мубориза бармехест.

Баъди дар сарзамини Осиёи Марказӣ, махсусан, кишвари Туркистон ҷорӣ гардидани ҳукуматдории бевоситаи Русияи подшоҳӣ, аллакай соли 1872 дар соҳили Қарасуи уезди Тошкент ва дар Хуҷанд, соли 1873 дар Пошӣ ном деҳаи Ӯротеппа ва дигар ҷойҳо ҷунбишу шӯришҳои халқӣ ба вуқӯъ омадаанд.

Дар соли 1885 аввалин хуруҷи коргарон дар кони ангишти Заврон – Киштутӣ волости Панҷакент (тобеи уезди Самарқанд) ба амал омадааст, ки дар он тақрибан 80 нафар коргарон кор мекарданд. Соҳиби кон полковники баистеъфобаромадаи қӯшунҳои подшоҳӣ Заленский ба ҳисоб мерафт. Коргарон аз



*Ҳайати оилаи мардуми камбизоати водии Фарғона (охири асри XIX ва аввали асри XX)*

шароити вазнини кор норозӣ шуда, аз хӯҷаини кон зиёд намудани маоши худро талаб карданд. Вале роҳбарияти кон аз иҷрои талаби коргарон саркашӣ намуд. Коргарони ба қаҳр омада мудири кон ва ду нафар назоратчиёни конро маҷрӯҳ намуда, барои шикоят ба Панҷакент рафтанд. Аммо ҳукуматдорони маҳаллии волостӣ ба муқобили онҳо қувваро истифода бурда, се нафар фаъолонро ҳабс ва як қисми дигарро аз кор озод намудаанд. Ягон талаби коргарон қонеъ нагардид. Бaромадҳои коргарӣ бошад дар шароити Осиёи Марказӣ, махсусан кишвари Туркистон, чун дар Русия, амри воқеӣ гардида, зуд-зуд дар нуқтаҳои гуногун ба амал меомаданд.

**Ҷунбишҳои мардумӣ дар аморати Бухоро**

Аҳволи халқи меҳнаткаш дар аморати Бухоро боз ҳам вазнинтар ва худсарии ҳукуматдорони маҳаллӣ зиёдтар буд. Маҳз чунин вазъият соли 1871 боиси шӯришҳои халқӣ дар бекигариҳои Қаршӣ ва Ғузор гардиданд.

Бухорои Шарқӣ ҳарчанд солҳои 70-уми асри XIX ба зери итоати ҳукумати амирӣ кашида шуда бошад ҳам, аллакай солҳои 80-ум вазъият дар ин сарзамин низ ноором гардида буд. Зеро, дар ин қисми аморат зиндагии мардум аз ҳад зиёд тоқатфарсо ва худсарии ҳокимони маҳаллӣ боз ҳам зиёдтар ба назар мерасид. Худсарию бедодгариҳои ҳукуматдорони амирӣ, инчунин зиндагии тоқатфарсои мардум солҳои 1885-1886 сабаби мавҷи ҳаракатҳои халқӣ дар Шӯробод, Мӯъминобод, Кӯлоб, Балҷувон, Ҳисор ва Деҳнав, соли 1887 дар дараи Ромит ва ғайра гардиданд. Шӯриши соли 1885, ки дар ҳудуди Мӯъминободи бекигарии Кӯлоб ба вуқӯъ омадааст, боиси ташвиши сахти ҳукуматдорони амирӣ гардид. Баҳонаи ин шӯриш аз ҳад зиёд ситонидани андоз аз ҳосили соли 1885 буд. Дар натиҷаи камҳосилӣ солҳои гузашта (бо сабаби хушксолӣ ва ҳуҷуми малахҳо) аз деҳқонон андозро ба миқдори дилхоҳ ситонида натавонистаанд. Соли 1885 ҳосил нисбатан фаровон гардид. Амалдорони ҳоким аз вазъият истифода бурда аз деҳқонон андозҳои солҳои гузаштаро низ талаб карданд. Чунин кирдори худсаронаи амалдорони маҳаллӣ, баҳонаи сар задани шӯриш шудааст, ки он зуд сарзамини Мӯъминободро фаро гирифт.

**Шӯриши Восеъ**

Дар байни шӯришҳои солҳои 80-уми асри XIX бузургтарин шӯриш бо сарварии Восеъ ба ҳисоб меравад, ки он соли 1888 дар бекигарии Балҷувон ба амал омадааст. Сабаби асосии ин шӯриш низ бенаво ва қашшоқии халқ, зиёд будани андозҳо, худсарии ҳукуматдорони маҳаллӣ ва ғайра буданд. Бенавоии мардуми ин бекигарӣ ба дараҷае буд, ки мувофиқи нақли яке аз иштирокчиёни ин шӯриш Давлат Собиров дар он замон «дар ихтиёри мардони як деҳа танҳо як ҷома буд ва касе ба бозор равад ё домод шавад ҳамон ҷомаро мепӯшид». Падари Восеъ – Шакар (номи бобояш Белак) деҳқони камбағал аз деҳаи Нурунҷои Балҷу-



*Восеъ - пешвои шӯришгарон (Аз рӯи амали рассом С.Пирумшоев)*

вон будааст. Мӯхточи ӯро ба деҳаи Дараи Мухтор (марбути Ховалинг) овард ва Восеъ дар ҳамин деҳаи на он қадар калон ба дунё омад. Ӯро дар ҷавониаш ба ҳайати сарбозони ҳокими Кӯлобу Балҷувон Сарабек (Сарахон) сафарбар намуданд ва соли 1870 дар ҷангҳои муқобили қӯшунҳои амири Бухоро – Музаффархон ширкат варзидааст. Вай ҳатто дар яке аз ҷангҳо бо ҳокими Дарвоз низ иштирок намудааст. Восеъ аллакай бо баъзе нозукиҳои санъати харбӣ шинос буд. Касби Восеъ деҳқонӣ ва ҷувозкашӣ буда, зағирро қисман худаш кишт мекард ва бештар онро аз деҳқонони деҳаҳои гуногуни атроф харида, онро ҷувоз мекашид ва равғанашро дар бозори Ховалинг мефурӯхт. Ҳангоми шӯриш Восеъи паҳлавонҷусса тахминан 35-37 сола будааст.

Мувофиқи ривоятҳо, дар яке аз рӯзҳои бозор, ҳокими Балҷувон Мирзо Акрам ҳамроҳи закотчиёнаш ва чанд нафар сарбозон ду деҳқони маҳбусро барои сари вақт насупоридани андоз, ба бозори Ховалинг, барои қатл овардаанд. Восеъ аз воқеа воқиф шуда, ба беку амалдорон ҳамлаи шерона намуд ва маҳбусонро аз марг наҷот дод. Қисме аз деҳқонони дар бозор буда ба Восеъ ҳамроҳ мешаванд. Ҳоким бо сарбозони худ аз тарс роҳи гурезро пеш гирифтанд. Мувофиқи ин ривоят ҳамин ҳодиса барои оғози шӯриш баҳонае гардидааст.

Дар ибтидои шӯриш дар атрофи Восеъ 11 тан ҳамдиёронаш будаанд, вале ба зудӣ сафи онҳо ба 600 кас расидааст. Онҳо 20 рӯз дар Сурсақова ба мубориза тайёрӣ дидаанд. Ҳокими Балҷувон бо қувваҳои дар ихтиёр доштааш ба бо-

шишгоҳи шӯришгарон ҳамла кард, вале шикаст хӯрд. Шӯришгарон деҳаи Хӯҷа Балҷувон ва ниҳоят қалъаи Балҷувонро, ки маркази ҳокимнишин буд, соҳиб шуданд. Ҳоким бо амалдорону сарбозонаш гурехт. 8 рӯз Балҷувон дар ихтиёри шӯришгарон монд. Шумораи шӯришгарон то ба ҳазор нафар расидааст. Онҳо асосан мардуми деҳаҳои Маҳмуддара, Сӯчиён, Шайхон, Чуқурак, Оқтерак ва ғайра буданд. Дар ин муддат Восеъ «ҳукумати худро» ташкил додааст, ки дар он Юсуф ном шахс вазир, Мулло Назир, ки ӯ ҳам мисли Восеъ ҷувозкаш буд, девонбегӣ таъин шудаанд. Шӯришгарон бо гирифтани ҳокимият хотирҷамъ шуданд.

Ҳокими Балҷувон Мирзо Акрам аз вазъият истифода бурда, тавонист қувваҳои пароқандаи худро сарҷамъ намояд. Дар ин муддат ба ихтиёри ӯ чун кӯмак аз беки Кӯлоб отряд низ омада расид. Мирзо Акрам бо якҷояги ин қувваҳо ба қалъаи Балҷувон ҳуҷум карда, онро соҳиб шуд. Шӯришгарон ба сӯи Кангурт қафо гашта, деҳқонони Кангурту Қизилмазорро ҷамъ намуданд ва қалъаи Балҷувонро бори дуюм ба даст дароварданд. Дар ин муҳориба сарвари нави қӯшунҳои ҳокими Балҷувон Аллаёр кушта шуд. Ҳокими Балҷувон роҳи гурезро пеш гирифта, ин дафъа дар кӯҳҳои Қизилмазор манзил гирифт. Балҷувон, Ховалинг ва Кангурт ба ихтиёри Восеъ гузашт. Овозаи ғалабаҳои Восеъ то ба амир Абдулаҳадхон, ки ӯ барои истироҳати тобистона ба Шаҳрисабз омада буд, низ расид. Ин хабар, дар як вақт ба сӯи Ҳисор аз тарафи амир фиристодани дастаи сарбозон бо сарварии Яъқуббек мувофиқ омад. Беки Ҳисор Остонақул қушбегӣ баробари расидани сарбозон, ба онҳо қӯшунҳои худро низ ҳамроҳ намуд ва сарварии умумиро ба ӯҳдаи худ гирифта, барои пахш намудани шӯриш, ба сӯи Балҷувон шитофт. Восеъ аз омадани қувваҳои зиёди амирӣ хабардор шуда, дар дараи Пули Сангин – кӯпруки дарёи Вахшро, ки ягона гузаргоҳ ба сӯи Балҷувон буд, вайрон кард. Вале Остонақул барои аз дарёи Вахш гузаштан мардуми деҳаи Норак ва атрофи онро сафарбар намуда, бо дасти онҳо кӯпруке (амаде) бунёд кард.

Қӯшунҳои Остонақул баробари аз дарёи Вахш гузаштан ба муқобилияти сахти шӯришгарон дучор шуданд. Дастаҳои ҷудогонаи шӯришгаронро дӯстони содиқи Восеъ – Назир, Карим, Наим, Нозим, Муҳаммадӣ, Муродалӣ, Раҳимбой, Саидалӣ ва Давлат сарварӣ мекарданд. Вале бартарӣ дар тарафи Остонақул буд. Зеро, дар Кангурт ба онҳо отрядҳои парокандаи беки Балҷувон низ ҳамроҳ шуда буданд. Дар Тутқавул ва Кангурт дар байни шӯришгарон ва қӯшунҳои Остонақул ҷангҳои шадиде ба амал омаданд. Вале ин ҳар ду муҳориба ҳам бо ғалабаи Остонақул ва мағлубияти шӯришгарон анҷом ёфт.

Восеъ баъди шикастхӯриҳои Тутқавул ва Кангурт аз муҳорибаи нав даст кашида, бо отряди боқимондааш ба сӯи деҳаи Сарипул (шимолу шарқии Ховалинг) ва Гулдара қафо гашт. Вале ҳангоми аз кӯҳҳои Девлох ба Буздара ном чарогоҳ гузаштан он ҷо Восеъ ва ҳаммаслаконашро сарбозони ҳоким интизор буданд. Дар ин ҷанги нобаробар (тахминан охири августи соли 1888) Восеъ асир афтод. Ӯро аз он ҷо аввал ба Балҷувон, баъд ба Ҳисор оварданд ва аз он ҷо беки Ҳисор Остонақул қушбегӣ вайро бо 6 нафар ҳамсафонаш ба Шаҳрисабз, ба ҳузури амир Абдулаҳадхон, ки ҳанӯз ҳам истироҳаташро дар ин ҷо давом медод, фиристод. Бо ҳукми амир Восеъро дар токи нимвайронаи Оқсараи Шаҳрисабз ба дор кашиданд.

Баъди пахш намудани шӯриш 120 нафар иштирокчиёни он ҳабс ва 46 нафари онҳо қатл гардиданд. Таъқибкунии иштирокчиёни ин шӯриш 5 сол давом кардааст.

Сабаби асосии шикастхӯрии шӯриши Восеъ, чун дигар шӯришҳои деҳқонӣ, пеш аз ҳама, ба он ҷалб нагардидани деҳқонони дигар деҳаю бекигариҳо, камтаҷрибагии сарварони шӯриш, мавҷуд набудани нақшаи амалиёт, нокифоягии аслиҳаи ҷангӣ ва ғайра буданд. Аҳамияти шӯриши Восеъ дар он аст, ки баъди пахш намудани шӯриш ҳукуматдорони амирӣ маҷбур шуданд миқдори ситонидани баъзе намуди андозҳоро кам намоянд (масалан, аз наску нахӯд) ва баъзеашро (ба монанди «сабзапулӣ», ки аввали баҳор аз ҳар оила 4 тангагӣ рӯёнида мешуд) аз байн бардоранд. Рафти ин шӯриш, қаҳрамониҳои

Восеъ ва мардуми ин диёр дар романи нависандаи халқии Тоҷикистон С.Улуғзода «Восеъ» ба таври образнок нишон дода шудааст.

**Сарчашма:**

Б.Ғафуров дар бораи вазъи оммаи халқ дар Бухорои Шарқӣ навиштааст: «Хусусан аҳволи оммаи васеи мардуми Бухорои Шарқӣ бағоят вазнин буд. Қариб тамоми аҳолии ин маҳалҳоро тоҷикон ташкил медоданд. Ҳукумати амирӣ аслан Бухорои Шарқиро чун мустамликаи худ қарор дода, дар ин ҷо назар ба қисми ғарбии аморат тартиботи сахттаре ҷорӣ намуд. Табақаҳои ашрофи қадимаи он ҷо, сипоҳ ва нӯкарҳо, рӯҳониён, заминдорони калон ва бойҳо ба такягоҳи аморат табдил ёфтанд. Ба ин гурӯҳҳои болонишини истисморкунанда аз баҳодур (дар бекии Ғарм аламон) то додхоҳ ҳар гуна рутба ва мансабҳо дода мешуд. Мансабҳои олитар фақат ба сипоҳиёни дарбори амир бахшиш мегардид. Амир ба ивази маош ба ин сипоҳиён андози тамоми як деҳаро мебахшид. Деҳқонони ин деҳа, амалан дар ҳолати крепостной буданд.

Ин деҳқонон комилан дар ихтиёри танхоҳхӯр буданд. Соҳиби танхоҳ бо майли худ духтарҳоро мебурд. Ҳавлиҳои деҳқононро кашида мегирифт ва боз ҳар чӣ ки хоҳад, мекард». (*Ниг.*: Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Китоби 2. – с.201-202)

**Санаҳои муҳим:**

— солҳои 70-80-уми асри XIX ҷунбишҳои мардумӣ дар маҳалҳои гуногуни кишвари Туркистон ва аморати Бухоро.

— 1885 – хуруҷи коргарони кони ангишти Заврон-Киштути волости Панҷакент, ки аввалин баромади коргарӣ дар қаламрави Осиёи Марказӣ мебошад.

— 1888 – шӯриши Восеъ.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Сабабҳои солҳои 70-80-уми асри XIX дар кишвари Туркистон ва аморати Бухоро ба вуҷуд омадани ҷунбишҳои мардумӣ дар чист? 2) Аввалин хуруҷ – баромади коргарӣ дар қаламрави Осиёи Марказӣ кай ва дар куҷо ба амал омадааст? 3) Шӯриши Восеъ кай ва дар куҷо сар шуда, кадом маҳал ва ноҳияҳоро фаро гирифтааст? 4) Дар бораи сабаб ва баҳонаи шӯриши Восеъ чӣ медонед? 5) Ҳамсафони Восеъ киҳо буданд? 6) Дар бораи шахсияти Восеъ ва

рафти шӯриши ӯ нақл кунед. 7) Дар бораи сабабҳои шикастхӯрӣ ва аҳамияти шӯриши Восеъ чӣ медонед? 8) Дар бораи шӯриши Восеъ кадом нависандаи тоҷик романи таърихӣ навиштааст ва он асар чӣ ном дорад? 9) §§9, 10, 16-17 ва 23-ро такрор намоед.

## §25. МУБОРИЗАҲОИ ЗИДДИМУСТАМЛИКАВӢ ДАР КИШВАРИ ТУРКИСТОН

**Сабаби шӯришҳо**

Дар ҳудуди кишвари Туркистон худсарию бедодгариҳои амалдорони маҳаллии ҳукумати подшоҳӣ ҳадду канор надошт. Бераҳмии онҳо ҳангоми ҷамъоварии андоз, махсусан ҳангоми ба фоидаи муҳоҷирони рус кашида гирифтани ҳиссае аз заминҳои мардуми таҳҷоӣ зоҳир мегардид. Дар натиҷаи пай дар пай афзудани маҳаллаҳои руснишин заминҳои корам ва чарогоҳҳои мардуми маҳаллӣ маҳдуд мешуд. Фасли тобистон дар баъзе ноҳияҳои кишвар норасоии об барои корҳои обёрӣ эҳсос карда мешуд. Ҳангоми дар чунин ноҳия мавҷуд будани маҳаллаҳои руснишин аксарияти масъалаҳо, аз ҷумла об, ба фоидаи онҳо ҳал мегардид.

Ба ғайр аз бедодгариҳою маҳдудиятҳои иқтисодӣ, аз тарафи амалдорони маҳаллии ҳукумати подшоҳӣ на ҳама вақт дин ва урфу одати мардуми маҳаллӣ ба эътибор гирифта мешуд. Дар идоракунии кишвар (ба ғайр аз идоракунии маҳаллӣ) аз байн бардоштани нуфузи сарварони дини ислом, дар ҳудуди кишвар маҳдуд намудани мулкҳои вақфӣ ва ғайра рӯҳониёнро норозӣ ва ниҳоят ба ғазаб меовард. Ҳол он ки пеш аз забтшавӣ ҷӣ ҳукумати хонӣ ва ҷӣ ҳокимони маҳаллӣ бе розигии олимақомони динӣ ягон хел чорабиниро намегузарониданд. Мулкҳои вақфӣ бошад муқаддас ҳисоб карда мешуд.

Барҳам хӯрдани истиқлолияти миллӣ қисми зиёди мардуми кишвар, махсусан зиёиёни маҳаллиро ором намегузошт. Қисме аз онҳо роҳи ягонаи озодиро дар мубориза медиданд.

Қисми зиёди мардуми маҳаллии кишвари Туркистон дар симои ҳукуматдорони маҳаллии подшоҳӣ истисморгарони асосӣ ва таҳқиркунандагони дину урфу одатҳои миллии худро

медиданд. Маҳз ҳамин сабабҳо дар ҳудуди кишвар барои ба амал омадани як қатор шӯришҳои зиддимустамликавӣ, аз ҷумла исёни вабо, шӯриши соли 1898 дар Андиҷон, шӯриши Осиёимиёнагии соли 1916 ва ғайра боис гардидаанд.

### Исёни вабо

Моҳи июни соли 1892 дар шаҳри Тошкент ҳаракати халқӣ ба вуҷуд омад, ки он дар таърих бо номи «исёни вабо» маълум аст. Барои пешгирии бемории вабо аз тарафи ҳукумати кишвари Туркистон баъзе чорабиниҳо андешида шуд, ки ин боиси ба вуҷуд омадани исён дар Тошкент гардид. Беморони вабо аввалин бор моҳи март дар шаҳрҳои Кобул ва Ҳироти Афғонистон пайдо шуда, нишонаҳои онро 1-уми июн дар уезди Ҷиззахи вилояти Самарқанд ва 7-уми июн дар Тошкент ба қайд гирифтаанд. Вале барои табобати беморон табибон ва доруворӣ намерасид. Бинобар ин мувофиқи баъзе маълумотҳо, шумораи умумии аз ин беморӣ фавтидагон танҳо дар кишвари Туркистон қариб ду ҳазор нафарро ташкил медоданд.

Сарварони шаҳри Тошкент, бо маслиҳати мутахассисон, барои пешгирии бемории хавфноки гузаранда, бо қарори худ барои гӯронидани майитҳои аз ин касалӣ фавтида танҳо як қабристонро муайян намуда, 12 қабристони дигари шаҳрро бастанд. Дар қабристони муайяншуда ҳам майитро танҳо баъди иҷозати хӯҷаинҳои шаҳр мегӯрониданд. Аз сабаби зиёд гардидани фавтидагон мӯҳлати иҷозат барои дафн тақрибан 3-4 рӯз давом мекард. Дар ин муддат майит бояд нигоҳ дошта мешуд. Агар авлодони майит ин қоидаи навро ба инобат нагирифта, майити аз бемории вабо фавтидаро (баъзан аз ин беморӣ набошад ҳам) худсарона дар дигар қабристон ба хок супоранд, он гоҳ ҳукуматдорони шаҳр онҳоро маҷбур мекарданд, ки майитро аз қабристони аввала баровարда ба қабристони муайяншуда оварда гӯронанд. Инчунин дар муддати маъракаи мубориза бо вабо аз шаҳр баромадан ва ба шаҳр даромадан маҳдуд карда шуда буд. Чунин ҳолат на танҳо тоҷирон, балки чоряккорон, мардикорон ва мардумони касбу кори гуногунро низ норозӣ мекард.

Баҳона ба оғози исён беиҷозат ба қабристони хостаашон гӯронидани майит гардид. Шаҳрдорон аз ин воқеа воқиф

гардида, наздикони он майитро аз байни бозор гузаронида, ба идораи маъмурияти шаҳрӣ бурданӣ шуданд. Мутасаддиён дар роҳ онҳоро таҳдид намуда гуфтаанд, ки «майитро аз он қабристон гирифта ба қабристони муайяншуда гӯронанд». Мардуми бозор ва кӯчаҳои шаҳр аз асли воқеа воқиф гардида, ба ҳимояи наздикони он майит гузаштанд. Дар натиҷа ин воқеа ба исён табдил ёфт. Ҳукуматдорон ба муқобили исёнгарон қувваи зиёди низомиро равон карданд. Дар баъзе маҳаллаҳои шаҳр задухӯрди байни қувваҳои низомӣ ва исёнгарон ба амал омад. Аз иштирокчиёни шӯриш панҷ нафар ҳалок гардида, бисёриҳо ҳангоми гурехтан дар канали Анҳор ғарқ шудаанд. Мувофиқи баъзе маълумотҳо, баъди хомӯш намудани исён аз он канал 80 ҷасад баровардаанд. Аз фаъолони исён 60 нафар ба ҳабс гирифта шуд.

Ҳамин тавр яке аз шӯришҳои калонтарин, ки маҳз дар натиҷаи ба эътибор нагирифтани урфу одатҳои миллӣ аз тарафи мустамликадорон ба вуқӯъ омадааст, хомӯш гардид. Ин шӯриш аз рӯи хусусияти худ зиддимустамликавӣ ва миллию озодихоҳӣ мебошад.

### Шӯриши соли 1898 дар Андиҷон

Соли 1898 дар водии Фарғона шӯрише ба амал омад, ки дар таърих бо номҳои «шӯриши Андиҷон», «шӯриши эшони Дукчӣ» ва «шӯриши Мадалӣ-эшон» маълум аст. Сарвари шӯриш Мадалӣ эшон ба ҳисоб меравад. Падари вайро Собири дукчӣ мегуфтанд, бинобар ин ба Мадалӣ эшон боз лақаби «дукчӣ»-ро ҳамроҳ кардаанд. Собири дукчӣ устои камбағали деҳаи Чимиони уезди Марғелон буд. Мадалӣ-эшон бошад на танҳо эшони машҳури водӣ, балки заминдори калон ҳам ба ҳисоб мерафт. Вай воқеан маълумоти хуби динӣ дошта, зиёрати Макка ҳам кардааст. Ӯ танҳо дар уезди Марғелон 447 таноб замин, ду осиёб, чор ҷувози равғанкашӣ ва заводи хиштро ихтиёрдорӣ мекард. Мадалӣ-эшон муридҳо – пайравони зиёде дошт. Рӯзе дар Марғелони Нав полисмейстери аз худ рафтаи рус ӯро дар ҳузури мардум, аз он ҷумла муридонаш, маҷбур кард, ки аз хар фаромада, пиёда аз шаҳр гузарад. Мадалӣ-эшон ин воқеаро барои худ таҳқир ҳисобид. Баъди ин ӯ нисбат ба амалдорони ҳукумати подшоҳӣ нафрати зиёд пайдо карда,

муридонашро ҳам дар рӯҳияи бадбинӣ тарбия мекард. Ӯ ва муридонаш барои ба мубориза зидди амалдорони подшоҳӣ бархезонидани мардум лаҳзаи муносибро интизор буданд. Соли 1898 чунин лаҳза муҳайё гардид. Мадалӣ-эшон ва муридони ӯ аз ҳамин гуна вазъияти мусоид истифода бурданӣ шуданд.

Дар аввал дар атрофи Мадалӣ-эшон тақрибан 200 нафар саворагон аз деҳаи Тоҷики уезди Мингтеппа ҷамъ шуданд. Баъд ба онҳо мардуми худи Мингтеппа, ки деҳаи сераҳолӣ ба ҳисоб мерафт, ҳамроҳ гардиданд. 17



*Муҳаммад Алӣ (Мадалӣ-эшон, Эшони дукчӣ, Дукчӣ-эшон). Сардори шӯришгарони Андиҷон дар соли 1898*



*Иштирокчиёни шӯриши соли 1898 дар Андиҷон, ки занҷирбанд гардидаанд*

майи соли 1898 Мадалӣ-эшон ба тарафи Андиҷон, ки маркази уездӣ буд, ҳаракат кард. Шумораи шӯришгарон аллакай ба 2 ҳазор нафар расид, ки аз онҳо тахминан ҳазор нафарашон саворагон будаанд. Онҳо 18 март ба гарнизони қӯшунҳои рус якбора ҳуҷум карданд. Дар натиҷа дар байни аскарони рус ва шӯришгарон задухӯрди сахт ба амал омад. Аз аскарони рус 22 нафар ҳалок шуда, 24 нафар захмин шудаанд. Бо ташаббуси ҳукуматдорони кишвар ва вилоят ба Андиҷон қувваҳои нав фиристода шуд. Баробари расидани қувваҳо, бегоҳии ҳамон рӯз шӯриш дар Андиҷон хомӯш гардид. Мадалӣ-эшон гурехта бошад ҳам, вале худи ҳамон рӯз дастгир шуд.

Шӯриши соли 1898 на танҳо Андиҷон, балки Намангон, Марғелон, Ӯш умуман қариб тамоми водии Фарғонаро фаро гирифта буд. Дар шӯриш баробари ӯзбекҳою қирғизҳо, тоҷикон низ иштирок карданд. Шӯриш аз рӯи хусусияти худ миллию озодихоҳӣ ба ҳисоб меравад. Зеро, он пеш аз ҳама ба муқобили сиёсати мустамликадоронаи ҳукумати подшоҳӣ нигаронида шуда буд. Вале сарварони он, пеш аз ҳама Мадалӣ-эшон ва муридони содиқи ӯ, ин шӯришро ба манфиати худ истифода бурданд.

**Сарчашма:**

Б.Ғ.Ғафуров дар бораи ҳуҷуми дастаҳои эшони Дукчӣ, ё худ Дукчӣ эшон ба гарнизони дар шаҳри Андиҷон доштаи русҳо навиштааст: «18 майи соли 1898 (бо усули кӯҳна) халифа Мадалӣ ном пешвои тасаввуф, ки бо номи Дукчӣ эшон низ машҳур буд, бо як даста пайравони худ, ки шумораашон 1500 нафар буд, дар шаҳри Андиҷон ба гарнизони русҳо ҳамла кард. Балвогарон соати 3-и шаб, овозу садое набароварда, тамоми аскаронро дар ғафлат мононда, ҳуҷум кардаанду зуд як баракро печонида гирифтанд. Дар ин мобайн дар дигар баракҳо солдатҳо бедор шуда берун ҷастанд ва ҳамлаоваронро дур партофтанд...

Худи ҳамон рӯз муайян шуд, ки пайравони Дукчӣ эшон шаҳрҳои Ӯш, Марғелон ва баъзе дигар ҷойҳоро гирифта будаанд...» (*Ниг.*: Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Китоби 2. – с.209)

**Санаҳои муҳим:**

— 1892 – июн – «исёни вабо» дар Тошкент

— 1898 – шӯриш дар Андиҷон

**Савол ва супоришҳо:**

1) Сабабҳои дар кишвари Туркистон ба амал омадани шӯришҳои зиддимустамликавӣ дар чист? 2) Чаро исёнеро, ки моҳи июни соли 1892 дар шаҳри Тошкент ба амал омадааст, «исёни вабо» мегӯянд? 3) Баҳонаи саршавии «исёни вабо» дар чист? 4) Чаро шӯриши соли 1898 дар Андиҷон номҳои «шӯриши эшони Дукчӣ» ва ё «шӯриши Мадалӣ-эшон»-ро гирифтааст? 5) Худи Мадалӣ-эшон кӣ буд? 6) Рафти «исёни вабо» ва шӯриши соли 1898 дар Андиҷонро нақл кунед. 7) «Исёни вабо» ва шӯриши соли 1898 дар Андиҷон аз рӯи характери худ чӣ гуна буданд? 8) §16-ро такрор намоед.

## §26. ИНҚИЛОБИ ЯКУМИ РУС ВА ТАЪСИРИ ОН БА ОСИЁИ МАРКАЗӢ

**Инқилоби якуми рус**

Ибтидои асри XX барои Русия давраи ноорoмиҳо буданд. Бӯҳрони иқтисодии солҳои 1900-1903, махсусан хушксолии соли 1901, ҷанги русу япон (солҳои 1904-1905) сабаби хароб гардидани иқтисодиёти мамлакат ва боз ҳам вазнин гардидани аҳволи мардум шуд. Овозаҳои дар амалиётҳои ҷангии муқобили қӯшунҳои япон шикаст хӯрдани лашкари рус боиси боз ҳам коста гардидани обрӯ ва эътибори ҳукумати подшоҳӣ гардид.

Соли 1898 ҳизби сотсиал-демократии коргарии Русия (РСДРП) ташкил шуд, ки он сарнагун намудани тартиботи подшоҳиро мехост. Ин ҳизб дар анҷумани дуюми худ (соли 1903) ба ду гурӯҳ: болшевикон (бо сарварии В.И.Ленин) ва меншевикон тақсим шуд, ки онҳо минбаъд ба ҳизбҳои алоҳида табдил ёфтанд.

Бо вуҷуди ихтилоф дар байни ин ҳизбҳо, вале дар масъалаи сарнагун намудани ҳукумати подшоҳӣ асосан онҳо ҳамфикр буданд. Ташкилотҳои ин ҳизбҳо дар тамоми гӯшаю ка-



*9 январи соли 1905. Лаҳзаи дар шаҳри Петербург, дар майдони Қасри Зимистона аз тарафи аскарони ҳукумати подшоҳии Русия тирборон кардани намоиши осоиштаи коргарон*

нори империяи Русия, аз он ҷумла дар кишвари Туркистон ҳам амал мекарданд.

Инқилоби якуми рус 9 январи соли 1905, дар шаҳри Петербург бо якшанбеи хунин (яъне дар он рӯзи якшанбе аз тарафи аскарони ҳукумати подшоҳӣ тирборон кардани намоиши осоишта) оғоз ёфта, ба зудӣ қариб тамоми сарзамини империяи Русия, аз он ҷумла Осиёи Марказиро низ фаро гирифт.

Дар кишвари Туркистон маркази асосии ҳар гуна ошӯбҳо ва гирдиҳамоиҳои эътирозӣ шаҳри Тошкент ба ҳисоб мерафт. Дар вилоятҳои Фарғона ва Самарқанд ба ҳаракатҳои инқилобӣ деҳқонон низ иштирок намуданд. Масалан, моҳҳои октябр-ноябри соли 1905 деҳқонони уезди Хуҷанд на танҳо аз додани андоз ба хазинаи подшоҳӣ саркашӣ карданд, балки замини бойҳо ва давлатиро дар байни худ тақсим намуданд.

Моҳи марти соли 1906 деҳқонони деҳаи Чоркӯҳи волости Исфара ёрдамчии сардори уезди Қӯқандро ҳабс карда, замини бойҳоро кашида гирифтанд. Зӯран кашида гирифтани замини бойҳо аз тарафи деҳқонони камзамин ва безамин дар мулкҳои болооби Зарафшон ҳам ҷой дошт.

**Чорабиниҳои ҳукумати подшоҳӣ**

Ҳукумати подшоҳӣ барои аз ҳаракати инқилобӣ дур намудани оммаи халқ чораҳои гуногун меандешид. Масалан, 6 августи соли 1905 дар бораи даъват намудани Думаи машваратии давлатӣ (Думаи булигинӣ) манифест баровард. 17 октябр манифест озодиҳои шаҳрвандонро эълон кард. Бо ин ҳукумати подшоҳӣ буржуазияи Русияро ба тарафи худ кашид. Дар натиҷа, дар Русия ҳизбҳои сиёсии буржуазии октябристҳо ва катедҳо ба вуҷуд омаданд.

Аввали моҳи майи соли 1906 қоидаҳои интихоботи вакилон аз кишвари Турксnúmтон, ки аз тарафи подшоҳи рус тасдиқ гардида буд, ба Думаи давлатӣ пешниҳод карда шуд. Мувофиқи он, барои муҳофизати манфиати русҳо ва русзабонҳо аз панҷ вилояти кишвар якнафарӣ, аз ҳисоби шаҳри Тошкент ва казакҳои вилояти Ҳафтруд як нафарӣ, яъне ҷамъ ҳафт нафар намояндагони рус ҳамчун вакил интихоб мегардиданд. Аз ҳисоби мардуми маҳаллӣ бошад, аз тамоми вилоятҳои кишвар як нафарӣ ва аз шаҳри Тошкент низ як нафар, яъне ҷамъ шаш нафар намоянда интихоб мегардид. Мувофиқи ин тартибот агар, ба ҳисоби миёна аз 46 ҳазор нафар русҳо ва русзабонҳо як нафар намоянда интихоб кунанд, пас аз 896 ҳазор мардуми маҳаллӣ як нафар вакил интихоб мекарданд. Дар асоси ин қоида вакилони интихобгардида аз мардуми маҳаллии кишвари Туркистон дар Думаи давлатӣ шахсони зерин буданд: 1 – муллои тошкандӣ – Абдурауфқорӣ Абдувоҳидқориев, 2 – тоҷири самарқандӣ – Тошпӯлод Абдухолиқов, 3 – тоҷири фарғонагӣ – Муҳаммадҷонов, 4 – чорводори калони сирдарёӣ – Т. Оллоберганов, 5 – муҳандиси ҳафтрудӣ – Муҳаммадҷон Тонишбоев, 6 – аз вилояти Моварои Каспӣ – полковник Махтумқулӣ. Аз ҳисоби русу русзабонҳои шаҳри Тошкент олим – В.П. Наливкин интихоб шуд.

Дар Русия ҳанӯз мавҷҳои инқилоб идома дошт. Ҳукумати подшоҳӣ бо мақсади мустаҳкам намудани мавқеи худ 9 июли соли 1906 Думаи булигиниро пароканда намуда, ибтидои соли 1907 интихоботи Думаи дуюми давлатиро гузаронид. Вале ин дума нисбат ба думаи якум боз ҳам чаптар буд.

**Пурзӯршавии таъқибот**

Ҳукумати подшоҳӣ аз паст шудани мавҷи инқилоб истифода бурда, 3 июни соли 1907 Думаи 2-юми давлатиро пароканда намуд, ки он дар таърих ҳамчун «табадуллоти 3-юми июнӣ» ном гирифтааст ва маънои ба итмом расидани инқилоби якуми русро дорад. Яъне, инқилоб шикаст хӯрд ва ҳукумати подшоҳӣ бо мақсади мустаҳкам намудани мавқеаш таъқиби мухолифонашро инкишоф дод. Масалан, моҳи ноябри соли 1907 Шӯъбаи мудофиавии ноҳияи Туркистонӣ ташкил карда шуд, ки онро худи русзабонҳо «охранка» ва мардуми маҳаллӣ «идораи сиёсӣ» мегуфтанд. Дар асл он политсияи махфӣ буд, ки намояндагонаш на танҳо дар кишвари Туркистон, балки дар ҳудуди аморати Бухоро ва хонигарии Хева ҳам амал мекарданд. Вале ин ҳама пеши роҳи афзудани ҳаракати зиддимустамликавиро гирифта натавонист.

Инқилоби якуми русӣ, махсусан барои бедории сиёсии зиёиёни миллии Осиёи Марказӣ таъсири ҷиддӣ расонид. Дар кишвари Туркистон, ки қисми таркибии империяи Русия ба ҳисоб мерафт, рӯзномаҳои гуногун ба майдон омаданд. Ин инқилоб ҷараёни ташаккулёбии ҳаракати ҷадидии Осиёи Марказиро тезонид.

Инқилоби мазкур, ки ба муқобили ҳукумати подшоҳӣ нигаронида шуда буд, барои афзудани ҳаракати зиддимустамликавии мардуми Осиёи Марказӣ такони ҷиддӣ дод.

**Сарчашма:**

Б.Ғ.Ғафуров дар бораи эътирози мардуми кишвари Туркистон нисбати «якшанбеи хунин» чунин навиштааст: «Якшанбеи хунин»-и 9 январи соли 1905, ваҳшиёна тирборон шудани намоишгарони беяроқ, тамоми мамлакатро аз қаҳру ғазаб ба даҳшат оварду боиси нафрату адовати аҳли кишвари Туркистон ҳам гардид. Бо ташаббуси болшевикон дар рӯзи «Иди Татяна», яъне

12 январи соли 1905, ки дар ин рӯз 150-солагии Университети Москва ҷашн гирифта мешуд, дар чандин шаҳрҳои генерал-губернаторӣ – дар Тошкент, Самарқанд, Қизиларват митингу намоишҳо шуда, иштирокчиёни онҳо дар ҷавоби ваҳшонияти нӯкарони бенӯхтаи подшоҳ, ки дар Петербург содир намудаанд, қаҳру ғазаб ва нафрату кинаи худро изҳор доштанд». (*Ниг.*: Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Китоби 2. – с. 237)

С. Айнӣ дар бораи инқилоби якуми рус ва таъсири он ба Бухоро навиштааст: «Револютсияи соли 1905 Русия дар Бухоро таъсири калон бахшид, ҳаракати прогрессивӣ, ки пештар дар доираҳои танги ҷудогона буд, хеле вусъат ёфт. Газетаҳои русӣ ҳар гапро озодона менавиштагӣ шуданд, аз тарафи турк ва торорҳои Русия, ки пештар ғайр аз «Тарҷумон» газетае надоштанд, газетаҳо ва журналҳои гуногун баромадан гирифт». (*Ниг.*: Айнӣ С. Мухтасари тарҷимаи ҳоли худам). Куллиёт. Ҷилди 1. – Сталинобод, 1958. -с.58-59.

**Санаҳои муҳим:**

1898 – бунёди ҳизби сотсиал-демократии коргарии Русия (РСДРП)

1903 – анҷумани дуюми ҳизби сотсиал-демократҳои Русия ва ба ду гурӯҳ: болшевикон ва меншевикон тақсим шудани он

1904-1905 – ҷанги русу япон

1905 – 9 январ – «Якшанбеи хунин», саршавии инқилоби якуми буржуазию демократии Русия, ё худ инқилоби якуми рус.

1905 – 6 август – манифести ҳукумати подшоҳии Русия дар бораи даъват намудани Думаи машваратии давлатӣ (Думаи булигинӣ)

1905 – 17 октябр – манифести ҳукумати подшоҳӣ, ки озодиҳои шаҳрвандонро эълон мекард.

1905-1906 – хуруҷҳои деҳқонӣ дар кишвари Туркистон

1906- май – ба Думаи давлатии Русия ворид шудани қоидаҳои аз тарафи подшоҳ тасдиқ гардидаи интихоботи вакилон аз кишвари Туркистон

1906 – 9 июл – пароканда намудани Думаи булигинӣ

1907 – ибтидои сол – интихоботи Думаи дуюми давлатӣ

1907 – 3 июн – пароканда намудани Думаи дуюми давлатӣ ва шикастхӯрии инқилоб.

1907 – ноябр – ташкил намудани Шӯъбаи мудофиавии ноҳияи Туркистонӣ («охранка» ё худ «идораи сиёсӣ»).

**Савол ва супоришҳо:**

1) Инқилоби якуми рус кай ва бо кадом воқеа оғоз ёфт? 2) Дар натиҷаи таъсири ин инқилоб дар кадом маҳал ё худ ноҳияҳои кишвари Туркистон ҳаракатҳои деҳқонӣ ба вуҷуд омаданд? 3) Ҳукумати подшоҳӣ барои пароканда намудани қувваҳои инқилобӣ чӣ гуна чораҳоро андешид? 4) Манифести 17 октябри соли 1905 баровардаи ҳукумати подшоҳӣ чиро эълон кард? 5) Дар бораи Думаи якум ва дуюми давлатии Русия чӣ медонед? 6) Дар кишвари Туркистон ба Думаи давлатии Русия аз ҷумлаи русу русзабонҳо ва мардуми маҳаллӣ бо кадом тарз интихоб шудани вакилонро фаҳмонед. 7) Шӯъбаи мудофиавии ноҳияи Туркистон кай ва бо кадом мақсад ташкил карда шуд? 8) §§24-25-ро такрор намоед.

## §27. ФОҶИАИ СУННИМАЗҲАБОН ВА ШИАМАЗҲАБОН ДАР БУХОРО

**Сабабҳои фоҷиа**

Моҳи январи соли 1910 дар шаҳри Бухорои Кӯҳна – маркази аморати Бухоро, дар байни суннимазҳабон ва шиамазҳабон панҷ шабонарӯз, яъне аз 22 то 26 январ хунрезии даҳшатноке ба амал омадааст.

Маълум аст, ки аксарияти мардуми аморати Бухоро (тоҷикҳо, ӯзбекҳо, туркманҳо ва ғайра) пайравони мазҳаби суннӣ[1] мебошанд. Эътиқодмандони равияи шиаро[2] бошад, асосан эрониёне, ки дар шаҳри Бухорои Кӯҳна ва деҳаҳои атрофи он мезистанд, ташкил мекарданд. Маҳз ҳамин фарқияти мазҳабӣ

1. **Мазҳаби суннӣ** — як равияи асосии дини ислом буда, пайравони он ғайр аз Қуръон боз Суннаро, ки ҳадиси муқаддас ҳисоб меравад ва дар он фикру ақида, гуфторҳои Муҳаммад ва **пайравони** ӯ халифаҳо: Абу Бакр, Умар, Усмон ва Ҳайдар (Алӣ) баён карда шудаанд, эътироф менамоянд. Суннихо баробари халифҳоро ҳокимони олии аз тарафи худо таъиншуда шуморидан, боз бо парастиши маросимҳои мусулмонӣ аз шиаҳо фарқ мекунанд.
2. **Мазҳаби шиа** — як равияи дигари дини ислом, ки дар заминаи зиддиятҳои сиёсию иқтисодӣ байни халифҳо ва авлодони насабии Муҳаммад баъд аз вафоти вай пайдо шудааст. Дар байни шиаҳо ва сунниҳо масъалаҳои идоракунии давлат, парастиши Қуръон, ҳадисҳо ва усули ибодат зиддиятҳо вуҷуд дорад. Шиаҳо тарафдори Алӣ (Ҳайдар) буда, халифҳои дигар: Абу Бакр, Умар ва Усмонро эътироф намекунанд.

ду халқҳои асосии эронинажод – тоҷикон ва эрониёнро аз якдигар ҷудо намудааст. Байни суннихо ва шиамазҳабон ҳарчанд ихтилофҳо пештар низ вуҷуд дошта бошанд ҳам, вале дар даҳсолаҳои охир намояндагони ин ду мазҳаб бародарвор зиндагӣ мекарданд.

Барои ба амал омадани хунрезии январи соли 1910 дар Бухоро сиёсати пешгирифтаи амирони манғит ва хусумати мансабталошони ин ду мазҳаб сабаби асосӣ гардиданд. Ин воқеа чунин рӯй дода буд: Амирони манғит дар шароити аморати Бухоро ба худ такягоҳи боэътимоде надоштанд. Худи қабилаи манғит нисбатан камшумор буд. Онҳо на танҳо бо дигар қабилаҳои ӯзбек, балки умуман бо турканажодҳо иттифоқи мустаҳками надоштанд. Тоҷикон, ки аксарияти мардуми аморатро ташкил медоданд, ҳеҷ гоҳ боиси боварии амирони манғит нагардидаанд. Бинобар ин амирони манғит ба мансаби қушбегӣ (баъди амир шахси дуюм ба ҳисоб мерафт) наздиконии худ, тоҷикон ва намояндаи дигар қабилаҳои турканажодро таъин намекарданд. Зеро, онҳо хавфи онро доштанд, ки ҳангоми ба мансаби қушбегӣ таъин кардани тоҷикон ё худ қавмҳои турканажод, яъне суннимазҳабҳо метавонанд, ки амирро ба осонӣ аз мансаб дур кунанд. Бо ҳамин сабабҳо амир ба мансаби қушбегӣ маҳз намояндаи шиамазҳаб – эрониёнро таъин мекард. Чунки, эрониён аз кам будани нуфузи худ дар аморат ҳеҷ гоҳ талоши мансаби амириро намекарданд ва ба амирони манғит содиқона хизмат менамуданд. Агар амирони манғит қушбегии аз ҳисоби шиамазҳабон таъин кардаашонро аз вазифа озод карданӣ шаванд ҳам, ҳеҷ хавфе ба онҳо таҳдид намекард.

Дар замони ҳукмронии амир Абдулаҳадхон[1] шахси бонуфузтарин баъд аз ӯ Остонақул қушбегӣ, ки баромадаш эронист, ба ҳисоб мерафт. Останақул низ аз мавқеи худ истифода бурда ба дигар мансабҳои зарурии ҳукумати амирӣ эрониёнро таъин мекард. Чунин амалиёти ӯ мансабталошони сунни-

1. Мувофиқи баъзе маълумотҳо модари амир Абдулаҳадхон - Шамшод ном зани баромадаш эронӣ буд ва ӯ зани дӯстдоштаи амир Музаффархон ба ҳисоб мерафт.

мазҳабро, бо сарварии раиси Бухоро Бурҳониддин, ки мехост баъд аз амир бонуфузтарин шахс дар аморат бошад, ба ғазаб овард. Бинобар ин, тарафдорони Бурҳониддин барои аз байн бардоштани Остонақул қушбегӣ фурсати мувофиқро интизор буданд.

**Баҳона, саршавӣ ва оқибатҳои фоҷиа**

Барои саршавии фоҷиа фурсати мусоид ва баҳонае ҳам муҳайё гардид. 22 январи соли 1910, рӯзи шанбе, дар боғе, ки берун аз дарвозаи Самарқандии шаҳри Бухорои Кӯҳна воқеъ буд, як ҷамоаи эрониёни маҳаллӣ ва мусофирон ҷамъ шуда, мотам ороста, маросими таъзияи Ҳусейн[1], писари Алӣ, набераи пайғамбар Муҳаммадро мегузарониданд. Барои озодона гузаронидани чунин маросим, эрониёни бухороӣ аз соли 1908, яъне дар замони Остонақул қушбегӣ ҳуқуқ пайдо карда буданд.

Одатан, дар рӯзи маросими мотами имом Ҳусейн эрониён либосҳои сиёҳ дар тан, тобути холиро бардошта «Во, Ҳусейн!»- гӯён ба сари синаи худ мекӯфтанд.

Дар маросими 22 январ, на танҳо қисме аз тоҷикон ва ӯзбекони бухороӣ, балки баъзе талабаҳои тошкандӣ ва фарғонагие, ки дар мадрасаҳои Бухоро мехонданд, низ ҳозир буданд. Чунин амалиёти эрониён боиси хандаи яке аз талабагони фарғонагӣ гардид. Эрониён бошанд ин хандаро нисбати мазҳаби худ таҳқир ҳисобида, ба ӯ ҳуҷум карда, вайро маҷрӯҳ намуданд. Аз ин ҳодиса иртиҷопарастони бухороӣ (яъне аз ҳисоби мансабталошони суннимазхаб) истифода бурда, барои ба муқобили эрониён бархезонидани як қисми талабаҳои мадрасаҳо ва мардуми гумроҳи Бухоро муваффақ гардиданд.

Мувофиқи баъзе маълумотҳо бо даъвати иғвогарон, ба тарафдории суннимазҳабон қариб даҳ ҳазор нафар бухороиён ба майдон баромадаанд. Онҳо, ки асосан ба сӯи Арк ҳаракат мекарданд, аз қушбегӣ Останақул на танҳо қатли гунаҳкорони

1. Ҳусейн дар рақобат ва мубориза дуру дарози Аббосиён (авлодони пайғамбар Муҳаммад) ба муқобили ҳукмронии Уммавиён иштирок намудааст. Соли 680, ҳангоми шӯриш дар маҳалли Карбало ба ҳалокат расид. Шиаҳо Ҳусейнро шахси муқаддас ҳисоб мекунанд.

воқеа аз тарафи эрониён, балки дар сарзамини аморати Бухоро тамоман манъ намудани ҳар гуна маросиму чорабиниҳои шиамазҳабонро талаб менамуданд.

Аммо дар дохили шаҳри Бухорои Кӯҳна худи ҳамон рӯзи аввали воқеа, яъне 22 январ, кушокушии байни суннимазҳабон ва шиамазҳабон оғоз шуда буд. Ҳар ду тараф нисбат ба якдигар ваҳшонияти зиёде зоҳир намуданд. Мувофиқи маълумоти шоҳидони он рӯзҳои фоҷиа «дар нуқтаҳои шаҳр, ки зиёда кушокушӣ ба амал омадааст, хуни одамӣ чун оби борон аз гузарҳои танг ҳаракат кардааст».

Ҳукумати амирии Бухоро қудрати бо қувваи худ бартараф намудани хунрезии мазҳабии байни бухороиён ва эрониёнро надошт. Бинобар ин ба шаҳр як дастаи аскарони рус бо сардарии генерал Лилиентал дохил шуда ба хунрезӣ хотима доданд. Ташаббускорони хунрезӣ-олимақомони суннимазҳаб ба истеъфои қушбегӣ Остонақул ва ҳаммаслаконаш мушарраф гардиданд. Баъди ин воқеа Мирзо Насрулло, ки суннимазҳаб буд, ба вазифаи қушбегӣ сарфароз шуд.

Ҳамин тавр, рақобати мансабӣ дар Бухоро ба хунрезии калонтарине оварда расонид, ки гунаҳкорони асосии он манфиатталошони ҳар ду мазҳаб – суннӣ ва шиа буданд. Вале ин фоҷиа ба гардани мардуми бечораи бухороӣ ва эронӣ бадбахтиҳои зиёде овард. Онҳо аз ин фоҷиа ягон беҳбудиеро надиданд. Баръакс, ҳамаи қурбоншудагон ва маҷрӯҳон аз ҷумлаи онҳо буданд.

**Сарчашма:**

С.Айнӣ дар бораи сабабҳои ба амал омадани фоҷиаи байни суннимазҳабон ва шиамазҳабони Бухоро навиштааст: «Ҳар чанд дар замонҳои собиқ миёни шиӣ ва сунниёни Бухоро баъзан кудуратҳо пайдо шуда бошад ҳам, дар солҳои охирӣ ин ду фирқа бародарвор мезистанд. Тоҷир, асноф ва деҳқони ин ду ҷамоа бо якдигар кин ва адоват надоштанд. Ҳар чанд уламои ин ду фирқа барои тақвияи нуфузи худ дар байни авом тухми адоват мекоштанд, боз ҳам ин адоват аз байни талабаи нодон ва ҷоҳилаи авом болотар намегузашт.

Лекин дар байни ҳукком ва маъмурини ин ду фирқа адоват баркамол буд. Эшон низои мансабӣ ва сиёсии худро ба чашми авэм ба либоси мазҳабӣ ҷилва медоданд». (*Ниг.*: Айнӣ С. Куллиёт. Ҷилди 10. – с.118)

**Санаҳои муҳим:**

1910 – 22-26 январ – хунрезӣ ё худ фоҷиаи суннимазҳабон ва шиамазҳабон дар Бухоро.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Сабабҳои асосии ба вуҷуд омадани фоҷиа ё худ хунрезии байни суннимазҳабон ва шиамазҳабони Бухоро дар чист? 2) Қушбегӣ дар шароити аморати Бухоро чӣ гуна мавқеъро ишғол мекард? 3) Кадом воқеа барои саршавии ин фоҷиа баҳона гардид? 4) Саршавӣ ва оқибатҳои хунрезиро шарҳ диҳед. 5) Оё мардуми оддии суннимазҳаб ва шиамазҳаби Бухоро, ки дар ин фоҷиа талафоти зиёде доданд, магар манфиате ба даст оварданд? 6) §17-ро такрор намоед

## §28. ШӮРИШИ МИЛЛИЮ ОЗОДИХОҲИИ СОЛИ 1916

**Оғози ҷанги якуми ҷаҳон**

19 июли (1 августи) соли 1914 ҷанги якуми ҷаҳонӣ оғоз ёфт, ки ба он 38 давлатҳои ҷаҳон, бо теъдоди 1,5 млрд нафар, ё худ аз чор се ҳиссаи мардуми башар кашида шуд. Дар чор соли ҷанг, яъне то соли 1918, дар амалиётҳои ҷангӣ беш аз 10 млн нафар ҳалок ва зиёда аз 20 млн нафар маҷрӯҳ гардиданд.

Русияи подшоҳӣ, ки яке аз иштирокчии фаъоли ҷанги якуми ҷаҳонӣ ба ҳисоб мерафт, зиёда аз 2 млн нафар аҳолии худро талаф дод. Мамлакат аз ҷиҳати иктисодӣ боз ҳам хароб, аз ҷиҳати молиявӣ тобеи мамлакатҳои Ғарб шуд. Барои пӯшонидани хароҷоти ҷанг миқдор ва хелҳои андозро зиёд карданд. Дар натиҷа, мардуми Русия, ки аз ҷанг дилгир шуда буданд, ба муқобили сиёсати ҳукумати худ ҷо-ҷо шӯриш мебардоштанд. Яке аз бузургтарини чунин шӯришҳо соли 1916 дар Осиёи Марказӣ ба амал омад.

**Сабабҳои шӯриш**

Чуноне ки дар §25 қайд кардем, худсарию бедодгарии ҳукуматдорони подшоҳӣ, аз тарафи онҳо таҳқири дин ва урфу одати мардуми маҳаллӣ, ба фоидаи муҳоҷирони рус кашида гирифтани замини мардуми маҳаллӣ, бештар ба фоидаи муҳоҷирони рус ҳал намудани ҷанҷоли об, душвориҳои зиндагӣ, махсусан, зиёд будани андозҳо ва бераҳмиҳо ҳангоми рӯёнидани онҳо ғазаби мардумро нисбат ба сиёсати ҳукумати подшоҳӣ зиёд карда буд. Чунин вазъият сабабгори шӯришҳои зиёди зиддимустамликавӣ гардидааст. Ҳамин гуна ҳолат минбаъд ҳам идома дошт ва барои шӯриши навбатӣ ҳам сабабҳои асосӣ гардид. Фақат бо оғози ҷанги якуми ҷаҳонӣ худсарию торoҷгарии амалдорони ҳукумати подшоҳӣ нисбат ба пештара боз ҳам зиёдтар буд. Шӯриш, ки дар шаҳри Хуҷанд оғоз гардид, ба зудӣ тамоми ҳудуди кишвари Туркистон ва Қазоқистонро фаро гирифт.

**Баҳонаи шӯриш**

Ҳукумати подшоҳии Русия ба садоқати мардуми Осиёи Марказӣ нисбати худ боварӣ надошт. Аз ин рӯ, дар солҳои ҷанг ҳам аз ҳисоби мардуми таҳҷоии ин кишвар ба хизмати ҳарбии Русия сафарбар карда нашуд. Вале, соли 1916 ҳукумати подшоҳӣ вазъияти ногувори фронтҳоро ба инобат гирифта, ба корҳои ақибгоҳ сафарбар намудани мардуми таҳҷоии кишвари Туркистон ва Қазоқистонро зарур шуморид. 25 июни соли 1916 оид ба ин масъала фармони подшоҳ эълон карда шуд. Мувофиқи он бояд аз ҳисоби мардони аз 19 то 43 солаи кишвари Туркистон 250 ҳазор нафар ва Қазоқистон – 80 ҳазор нафар ба корҳои заминкании хатти фронт ҷалб карда мешуданд. Масалан, фақат аз уезди Хуҷанд бояд 8948 кас сафарбар шуда, аз онҳо 8140 нафарашон бояд ба корҳои ақибгоҳи фронт фиристода мешуданд. Вазнинии тақсимот ба гардани аҳолии шаҳри Хуҷанд афтида буд. Зеро, танҳо аз ин шаҳри бостонӣ бояд 2708 нафар аз онҳое, ки дар корҳои пахтакорӣ иштирок намекарданд, сафарбар мегардиданд.

Дар асоси фармони номбурда 2-юм ва 3-юми июли ҳамон сол мардони Хуҷандро ба рӯйхат гирифтанд. Аксари онҳое, ки ба рӯйхат дохил шуда буданд, қувваи асосии кориро ташкил медоданд. Аз ин рӯ, дар айни авҷи корҳои тобистонӣ,

ба корҳои ақибгоҳи фронт ҷалб намудани онҳо бегуфтугӯ ба вазъияти хоҷагиашон таъсири манфӣ мерасонид. Ба ғайр аз ин хизмати ҳарбӣ дар байни мардуми Осиёи Марказӣ чандон роиҷ набуд, аз ин рӯ ин маърака ҳамовозие пайдо накард. Илова бар ин аз тарафи амалдорони маҳаллӣ ҳангоми ба рӯйхатгирӣ ба беадолатиҳо роҳ дода мешуд. Яъне, ҳар касе, ки доро буд, ба амалдорон пора дода, худро аз рӯйхат мебаровард. Чунин ҳолат бечорагонро, ки қобилияти пора додан надоштанд, дар ғазаб кард ва онҳоро ба шӯриш водор намуд. Ин чорабинӣ ба оғози шӯриш баҳона гардид.

### Оғоз ва рафти шӯриш

4 июли соли 1916 дар назди қозихонаи маҳаллаи Қалъаи Нави шаҳри Хуҷанд зиёда аз 500 нафар шаҳриён ҷамъ омада, аз қозӣ ва пристав талаб карданд, ки барӯйхатгириро қатъ намоянд. Аммо чунин талаби онҳо аз тарафи қозӣ ва пристав ба инобат гирифта нашуд. Пас, мардум бо чунин талаб ба назди сардори уезд, ба сӯи бозори Чоршанбе ҳаракат карданд. Дар роҳ ба издиҳом аз ҳар сӯ одамони бисёре ҳамроҳ гардиданд. Шумораи намоишчиён афзуда то ба 7-8 ҳазор нафар расид. Вале сарварони уезд, ба қувваи политсия такя намуда, талаби мардумро рад карданд. Дар натиҷа мардуми ба ғазабомада ба ҳуҷум гузаштанд. Ҷӯра Зокиров, Зубайдулло Раҳматуллоев, Ҷӯра Алӣ ва ғайра аз ҷумлаи фаъолони ин ҳаракати мардумӣ буданд. Аз тарафи политсия ба муқобили мардум тир кушода шуд. Бегоҳии ҳамон рӯз шаҳр дар ҳолати ҳарбӣ эълон гардид. Дар тамоми гӯшаю канори шаҳр ҳарбиён ва политсия назорати қатъӣ ҷорӣ намуданд. Рӯзи дигар, яъне 5 июл ба хуҷандиёни шӯришбардошта беш аз 700 нафар сокинони волости Қистакӯз ҳамроҳ шуданд, вале он вазъиятро дар шаҳр дигар тағйир дода натавонист. Шӯриш дар шаҳри Хуҷанд аллакай хомӯш гардида буд.



*Ҷӯра Зокиров (1894-1929) яке аз иштирокчиёни фаъоли шӯриши соли 1916 дар Хуҷанд*

Шӯриши Хуҷанд барои баромадҳои умумии кишвар ишорае гардид. Он зуд ноҳия ва вилоятҳои навро фаро мегирифт. Баъди шӯриши Хуҷанд мардуми Ургут шӯриш бардоштанд. 6 июли ҳамон сол намоишҳои эътирозӣ ба муқобили сиёсати ҳукумати подшоҳӣ дар Самарқанд ва Тошкент ба амал омаданд. 8-9 июл ҳаракати халқӣ дар Фарғона сар шуд. Дар миёнаи моҳи июл чунин ҳаракат қариб тамоми кишвари Туркистонро фаро гирифта буд. Махсусан, мардуми Ҷиззах қариб ҳама ба мубориза бархестанд. Баромадҳои мардумӣ дар Ӯротеппа, Ашт, Панҷакент низ ба амал омадааст. Дар ноҳияю даштҳои Қазоқистон бошад, шӯриш бештар аз ҳама дар вилояти Турғай шиддат гирифтааст.

Дар сарзамини аморати Бухоро соли 1916 ба ғайр аз хуруҷҳое, ки дар роҳи оҳани Бухоро ба вуқӯъ омаданд, боз дар Қаршӣ, Кубодиён, Қаротегин ва ғайра ҷунбишҳои мардумӣ рух додаанд. Масалан, дар Қалъаи Лабиоби (Тоҷикободи ҳозира) бекигарии Қаротегин ба хуруҷи халқӣ (с.1916) мардикори мавсимӣ Қаландаршо сарварӣ намудааст. Хуруҷҳои халқие, ки дар хоки аморат ба амал омадаанд, пеш аз ҳама ба муқобили зулму истибдоди амирӣ, махсусан, бедодгариҳои амалдорони маҳаллии он нигаронида шудаанд. Ҳамин тавр, ба доираи шӯриш на танҳо сарзамини кишвари Туркистон ва Қазоқистон балки аморати Бухоро ҳам кашида шуд. Дар шӯриш тамоми табақаҳои аҳолӣ: деҳқонон, коргарон, тоҷирон, зиёиён ва ҳатто рӯҳониён иштирок намудаанд.

**Шикасти шӯриш**

Ҳукумати подшоҳӣ, аз вусъати шӯриш ба воҳима афтода, 17 июли соли 1916 кишвари Туркистонро дар ҳолати ҳарбӣ эълон кард. Дар бисёр маҳалҳо, бо фармони амалдорони ҳукумати подшоҳӣ, ба муқобили шӯришгарон силоҳро истифода бурданд. Аскарони ҳукумати подшоҳӣ ба муқобили шӯришгарон бераҳмона тир мекушоданд. Миқдори сарбозоне, ки барои пахш намудани шӯриш сафарбар гардидаанд, низ кам набуданд. 13 декабри соли 1916 ноиби раиси думаи IV Давлатии Русия А.Ф. Керенский маҳз ҳамин ҳолатро ба инобат гирифта, дар

суханронии худ гуфта буд, ки «ба фронтҳои ҷангӣ боз як фронти нав – «туркистонӣ» илова гардид».

Шӯриш дар бисёр маҳалҳо маҳз аз тарафи аскарони подшоҳӣ, бо силоҳ пахш карда шуд. Дар натиҷа, аз иштирокчиёни шӯриш ашхоси бисёре ҳалок гардиданд. Генерал-губернатори Туркистон дар мактуби маҳфии ба номи подшоҳ Николайи II фиристодааш таъкид намудааст, ки дар натиҷаи ин шӯриш аз ҳисоби русҳо: 97 нафар аскар, 7 нафар амалдор, 2325 нафар аҳолии рус ҳалок шуданд. Ба ғайр аз инҳо 86 нафар аскарон захмӣ гардида, 76 нафар аскар ва 1384 нафар аҳолии рус гумном гардиданд. Ин рақамҳои аниқ, ки танҳо талафоти ҳукумати подшоҳиро нишон медиҳад, худ гувоҳи он аст, ки талафоти шӯришгарон хеле зиёд будааст.

Ҳамин тавр, шӯриш бераҳмона пахш карда шуд. Бисёр фаъолони он ҳабс ва бадарға гардиданд. Амалдорони ҳукумати подшоҳӣ баъди пахш намудани шӯриш миқдори муайяншудаи мардикоронро (аз ҷумлаи мардуми маҳаллии кишвари Туркистон ва Қазоқистон), ба тарзи зӯрӣ ба корҳои ақибгоҳи фронт фиристоданд. Шӯриш агарчанде аз тарафи ҳукумати подшоҳӣ пахш карда шуд, вале он дар амал ба сиёсати мустамликадоронаи ҳукумати подшоҳӣ як зарбаи қатъӣ зад. Зеро, он аз рӯи характери худ – шӯриши миллию озодихоҳӣ ба ҳисоб мерафт. Шӯриш барои бедории сиёсӣ ва баланд гардидани шуури сиёсии мардуми маҳаллӣ кӯмаки амалӣ расонид. Он қувваи мардуми маҳаллии Осиёи Марказиро, ки ҳукумати подшоҳӣ ба он эътиборе намедод, нишон дод. Аз ин рӯ, ин шӯриш аҳамияти бузурги таърихӣ дошт.

**Сарчашма:**

Дар мактуби сардори шӯъбаи ҳимояи (охранаи) ноҳиявии Туркистон М.Н. Волков аз 10 июли соли 1916 оид ба вазъи мардум гуфта шудааст: «... мувофиқи хабарҳое, ки ба шӯъба мерасанд, аҳолии маҳаллӣ бениҳоят ба ғазаб омадааст ва сабабаш овозаҳое мебошад, ки одамони пулдори босавод метавонистаанд худашон ба мардикорӣ нараванд, рафта хандакковӣ накунанду ба ҷои ин маблағи муйян диҳанд. Дар бозору чойхонаҳову дигар ҷойҳо гап-гап шудааст, ки агар бойҳо ба мардикорӣ гирифта нашаванд,

камбағалон ҳатман шӯриш мекунанд ва худашон ин гуна бойҳоро кушта мепартоянд». (*Ниг.*: порча аз китоби: Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Китоби 2 – с. 261)

**Санаҳои муҳим:**

1914 – 19 июл (1 август) – оғози ҷанги якуми ҷаҳонӣ

1916 – 25 июн – фармони подшоҳи Русия оид ба корҳои ақибгоҳи фронт сафарбар намудани мардуми таҳҷоии кишвари Туркистон ва Қазоқистон

1916 – 4 июл – оғози шӯриш дар шаҳри Хуҷанд

1916 – 17 июл – дар ҳолати ҳарбӣ эълон гардидани кишвари Туркистон

**Савол ва супоришҳо:**

1) Ҷанги якуми ҷаҳонӣ кай оғоз гардид ва дар он чанд мамлакатҳои дунё иштирок намудаанд? 2) Дар ин ҷанг чӣ қадар мардум талаф ёфт? 3) Барои саршавии шӯриши соли 1916 кадом воқеа баҳона гардид? 4) Шӯриш дар Хуҷанд кай ва аз кадом воқеа сар шуд? 5) Дар бораи рафти шӯриши Хуҷанд ва фаъолони он нақл кунед. 6) Ба ғайр аз Хуҷанд дар ин сол шӯришҳои халқӣ боз дар куҷоҳо ба амал омаданд? 7) Шӯриши соли 1916 аз рӯи характери худ чӣ гуна буд ва аҳамияти он дар чист? 8) §§24-25-ро такрор намоед.

# БОБИ 9
# АФКОРИ ҶАМЪИЯТИЮ СИЁСӢ ВА МАДАНИИ ХАЛҚИ ТОҶИК

## §29. ТАШАККУЛИ АФКОРИ ҶАМЪИЯТИЮ СИЁСӢ ВА МАДАНИИ ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX

### Таъсири дигаргуниҳои иқтисодию сиёсӣ ва ҷамъиятӣ

Баъди ба зери тасарруфи Русияи подшоҳӣ дохил шудани Осиёи Марказӣ, дар натиҷаи дигаргуниҳои иқтисодию сиёсӣ, ҷамъиятӣ ва мадании кишвар, дар афкори ҷамъиятию сиёсии мардуми он, махсусан зиёиён тағйиротҳои куллӣ ба вуҷуд омад.

Пас аз забтшавӣ сарзамини Осиёи Марказӣ ба доираи муомилоти молию пулӣ ва бозори умумирусӣ кашида шуд; дар ин сарзамин корхонаҳои саноатӣ ва ташкилотҳои бонкӣ ба вуҷуд омад; хатҳои роҳи оҳан гузарониданд; дар хоҷагии қишлоқи кишвар тағйиротҳо (баъзе намудҳои нави асбобҳои хоҷагии қишлоқ ва истеҳсоли маҳсулоти нав) пайдо шуданд.

Дар кишвари Туркистон баробари ин дигаргуниҳо ва барҳам додани мустақилияти хонигарии Қӯқанд, инчунин ба баъзе урфу одатҳои пойдори динию миллӣ ва маҳаллӣ зарбаи қатъӣ зада шуд. Акнун дар ин кишвар сарварони дини ислом аз мавқеъ ва ҳуқуқҳои номаҳдуди собиқа маҳрум гардиданд. Онҳо дар идоракунии мулкҳои кишвар, аз генерал-губернатор сар карда, то уездию волостӣ ягон нуфузе надоштанд ва амалдорони подшоҳӣ андешаи эшонро умуман ба инобат намегирифтанд. Мансабҳои бонуфузи динӣ – қозикалон ва раис дар ҳудуди кишвари Туркистон дигар вуҷуд надошт. Ин тағйиротҳо зиёиёни маҳаллиро зиёда ба андеша водор намуд.

## Дигаргуниҳо дар ҳаёти маданӣ ва тиббӣ

Тағйиротҳо, махсусан дар ҳаёти маданӣи кишвари Туркистон назаррас буданд. Масалан, соли 1868 дар шаҳри Тошкент аввалин матбаа ба кор шурӯъ кард. Соли 1870 китобхонаи оммавӣ кушода шуд. То ин вақт дар сарзамини Осиёи Марказӣ, махсусан, дар Бухоро, Самарқанд, Қӯқанд китобхонаҳо асрҳо боз вуҷуд дошта бошанд ҳам, вале онҳо дар назди дарбори хону амирон ва мадрасаҳо буда, хусусияти оммавиро надоштанд.

28 апрели соли 1870 шумораи аввалин нашрияи генерал-губернатории кишвари Туркистон – рӯзномаи «Туркестанские ведомости» чоп шуд, ки бо он таърихи матбуоти даврии Осиёи Марказӣ оғоз гардид. Аз ҳамон сол рӯзнома бо забонҳои ӯзбекию қирғизӣ бо номи «Туркистон вилоятининг газетӣ» ба чоп шурӯъ кард. Ба мақсади аз ҳисоби талабагони маҳаллӣ тайёр намудани тарҷумонҳо, 19 декабри соли 1884 дар шаҳри Тошкент, дар ҳавлии бойи маҳаллӣ Саидғанӣ Азимбоев, нахустин мактаби русии маҳаллӣ кушода шуд. Олими номии рус В.П. Наливкин муаллими он буд. Миқдори чунин мактабҳо сол аз сол меафзуд. Масалан, соли 1911 танҳо дар Хуҷанд, Панҷакент, Ӯротеппа, Конибодом, Исфара, Хоруғ ва ғайра беш аз 10 адад мактабҳои русии маҳаллӣ амал мекарданд. Дар сарзамини аморати Бухоро бошад, аввалин чунин мактаб соли 1894 дар шаҳри Бухорои Кӯҳна ташкил ёфт.



*Дарси ҷуғрофия дар яке аз мактабҳои русии маҳаллӣ*

Дар нимаи дуюми асри XIX барои аз нуқтаи назари илмӣ омӯхтани сарзамини Осиёи Марказӣ аввалин кӯшишҳои ҷиддӣ оғоз ёфт. Чунончӣ, соли 1871 Ҷамъияти илмии Осиёимиёнагӣ бунёд гардид, ки мақсади он аз ҷамъ ва нашр кардани маводҳо оид ба таърих ва маданияти

мардуми ин диёр буд. Тс ин давр аз расадхонаҳои собиқ, аз он ҷумла расадхонаи Улуғбек (дар Самарқанд), ки дар замони худ шӯҳрати ҷаҳонӣ дошт, қариб осоре намонда буд. Соли 1873 дар Тошкент аввалин расадхонаи замонавӣ сохта шуд. Соли 1897 бо ташаббуси олимони маъруфи рус В.Ф.Ошанин ва С.И. Жилинский Шӯъбаи туркистонии Ҷамъияти ҷуғрофии рус ташкил ёфт. Ҷуғрофи номии рус П.П. Семёнов-Тяншанский ба омӯзиши ҷуғрофияи кишвар асос гузошт. Дигар олими маъруфи рус, ҷуғрофшинос А.П.Федченко аввалин шуда водии Фарғона ва Олойро омӯхта, нуқтаи баландтарини кӯҳҳои ин минтақаро муайян намуд.

Дар соҳаи тиб низ дигаргуниҳои куллие ба амал омаданд. Масалан, дар шаҳри Тошкент дар нимаи дуюми соли 1865, бо мақсади табобати ҳарбиёни рус, бемористони махсус бунёд гардида буд. Минбаъд дар ин ҷо бемористон ва амбулаторияи табобатӣ бунёд шуданд, ки дорои 168 кат буданд. Дар шаҳрҳои Самарқанд, Қӯқанд, Хуҷанд, Ӯротеппа, Панҷакент низ бемористону марказҳои табобатӣ пайдо шуданд.

Дигаргуниҳои соҳаи тиббӣ ба аморати Бухоро низ бетаъсир намонд. Мутахассисони рус дар шаҳри Бухорои Кӯҳна як бемористон ва як амбулаторияи занона, дар шаҳрҳои Шаҳрисабз, Қаршӣ ва деҳаи Душанбе яктоӣ бемористонҳои ҳар кадоме дорои 5 кат, дар маҳаллаҳои руснишин ва сарҳадӣ: Бухорои Нав (Когон), Чорҷӯйи Нав, Патта-Ҳисор, Термиз, Карки низ амбулаторияҳо ташкил карданд. Дар ҳудуди Бадахшони Кӯҳӣ бошад дар Хоруғ ва маҳалҳое, ки қисмҳои сарҳадии аскарони рус ҷойгир буданд, нуқтаҳои табобатӣ ташкил карда шуданд. Дар аксари шаҳрҳо ва поселкаҳо дорухонаҳо ҳам барпо гардиданд. Чӣ аз нуқтаҳои табобатӣ ва чӣ аз дорухонаҳо минбаъд мардуми маҳаллӣ низ ба қадри имкон истифода мебурданд.

### Мавқеи зиёиёни маҳаллӣ нисбати тағйиротҳо

Дигаргуниҳои дар сарзамини Туркистон ва аморати Бухоро ба вуҷуд омада, албатта ба афкори ҷамъиятию сиёсии мардуми он, махсусан, зиёиён бетаъсир намонд. Онҳо оид ба сабаб ва оқибатҳои ин дигаргуниҳо андеша мекарданд. Аксарият носозгориҳои чӣ замони гузашта

ва чӣ сиёсати мустамликавии ҳукумати подшоҳиро мазаммат менамуданд.

Дар натиҷаи таъсири тағйиротҳое, ки дар нимаи дуюми асри XIX ба амал омад зиёиёни Осиёи Марказӣ ба гурӯҳҳо тақсим шуданд. Як гурӯҳи зиёиён (асосан дар кишвари Туркистон) воқеияти ба амал омадаро муваққатан бошад ҳам қабул намуда, интизори барқароршавии тартиботи аввала (чӣ мақоми динӣ ва чӣ мулкҳои вақфӣ) буданд. Гурӯҳи дигари зиёиён ин дигаргуниҳоро амри воқеӣ ва баргаштан ба тартиботи пештараро ғайриимкон ҳисобида, сарзамини Осиёи Марказиро тарк намуда, ба мамлакатҳои ҳамсоя: Афғонистон, Эрон, Туркия ва давлатҳои гуногуни араб ҳиҷрат намуданд. Қисми сеюми зиёиён воқеаҳои даврро аз ҳар ҷиҳат омӯхта, сабабҳои онро ба хубӣ фаҳмиданд, оид ба оқибатҳои он барои худ хулосаҳои зарурӣ бароварда, баҳри наҷоти халқу ватани худ ва урфу одати мардуми он мекӯшиданд. Онҳо ба хубӣ эҳсос намуданд, ки воқеан халқҳои Осиёи Марказӣ хеле қашшоқ буда, мамлакат аз давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон аз ҳар ҷиҳат қафомонда аст. Тарафдорони ин гурӯҳ сабабҳои асосии ҳамагуна бадбахтиҳои мардум ва қафомондагии мулкро пеш аз ҳама дар бемаърифатии мардум ва амалдорон медиданд. Ақидаи ин гурӯҳи зиёиён дар эҷодиёти маорифпарварони он давра таҷассум ёфтааст, ки бузургтарини онҳо Аҳмади Дониш буд.

**Сарчашма:**

Б.Ғ.Ғафуров аҳамияти таърихии ба Русия ҳамроҳ шудани Осиёи Марказиро нишон дода, оид ба вуҷуд омадани дигаргуниҳои иқтисодӣ ва маданӣ навиштааст: «Тавассути ҳамроҳ шудан ба Русия Осиёи Миёна ба муомилаи молии ҷаҳонӣ кашида шуд. Тадриҷан дар ин сарзамин корхонаҳои саноатӣ, дар навбати аввал корхонаҳои пахтатозакунӣ ва равғанкашӣ ба вуҷуд омаданд... Дар натиҷаи ҳамроҳ шудан ба Русия ҳаёти мадании Осиёи Миёна рӯҳ гирифт. Масалан, дар Тошкент китобхона, театр, музей кушода шуда, кори матбуот рӯ ба тараққӣ ниҳод... Ривоҷи маданият, ки бо кӯмаки интеллигентсияи рус шурӯъ гардида буд, ба фаъолияти зиёиёни маҳаллӣ кӯмак расонид...» (*Ниг.*: Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Китоби 2 – с.187)

**Санаҳои муҳим:**

1865 – нимаи дуюми сол – бунёди бемористони махсус дар шаҳри Тошкент

1868 – бунёди аввалин матбаа дар шаҳри Тошкент

1870 – кушодани китобхонаи оммавӣ дар шаҳри Тошкент

1870 – 28 апрел – нашри аввалин рӯзномаи «Туркестанские ведомости»

1871 – бунёди ҷамъияти илмии Осиёимиёнагӣ

1873 – бунёди расадхона дар Тошкент

1884 – 19 декабр – кушодани нахустин мактаби русии маҳаллӣ дар шаҳри Тошкент

1897 – ташкили шӯъбаи туркистонии Ҷамъияти ҷуғрофии рус.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Ба мардуми маҳаллӣ дигаргуниҳои иқтисодию сиёсӣ ва ҷамъиятие, ки дар Осиёи Марказӣ дар нимаи дуюми асри XIX ба амал омаданд, чӣ тавр таъсир намуд? 2) Мардум дигаргуниҳои ҳаёти маданӣ ва тиббии даврро чӣ гуна қабул карданд? 3) Аввалин рӯзнома дар Осиёи Марказӣ кай ва бо кадом ном нашр гардид? 4) Нахустин мактаби русии маҳаллӣ кадом сол, дар куҷо кушода шуд ва мақсад аз бунёди чунин мактабҳо дар чист? 5) Аз олимони рус, ки дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX дар омӯзиши Осиёи Марказӣ ҳисса гузоштанд, киҳоро медонед? 6) Дар соҳаи тиб чӣ гуна тағйиротҳо ба вуҷуд омад? 7) Зиёиёни маҳаллӣ тағйиротҳои ба амал омадаро чӣ тавр қабул намуданд? 8) §§2, 18, 20, 21-22-ро такрор намоед.

## §30. АҲМАДИ ДОНИШ – ИСЛОҲОТХОҲ ВА МАОРИФПАРВАР

**Ҷаҳонбинии Аҳмади Дониш**

Яке аз фозилтарин фарзандони Бухорои Шарифи асри XIX Аҳмад Махдуми Дониш, мулаққаб ба Аҳмади Калла (1826-1897) мебошад. Ӯ дар шаҳри Бухоро дар оилаи Носир ном мулло ба дунё омадааст. Маълумоти ибтидоиро дар мактаби хусусии духтаронаи модараш гирифта, дар мактаби қориён (ҳофизони Қуръон) низ таҳсил намудааст. Вале мактаби қориёнро зуд тарк намуда, аз 14-солагӣ таҳсилро дар мадраса идома додааст. Вай дар мадраса ба ғайр аз илмҳои динӣ,



*Аҳмади Дониш (1826-1897, ӯ дар мобайн) - асосгузори ҳаракати маорифпарварӣ дар Осиёи Марказӣ. (Сурат соли 1874, ҳангоми бо аъзоёни сафорати Бухоро дар Санкт-Петербург будан гирифта шудааст)*

бештар мустакилона, дар асоси асарҳои олимони Шарк, фанҳои табииёт, риёзиёт, нучум, ҳайат, таърих, фалсафаи табиӣ ва адабиётро меомӯзад.

Аҳмади Дониш аз хурдсолӣ хати зебо ва дар рассомиву наккошӣ истеъдоди фавкулоддае доштааст. Баъди хатми мадраса ӯро, бо тавсияи яке аз устодони санъаткораш ба дарбори амир, ба сифати меъмор ва наккош ба кор гирифтаанд. Вале аз сабаби набудани корҳои иморатсозию бинокории ҳукуматӣ Аҳмади Дониш дар дарбор бештар ба корҳои китобати рисолаву девонҳо ва когазҳои расмии дарборӣ машгул буд. Ин ба ӯ имконият дод, ки аз як тараф ҳунари хаттотӣ ва наккошии худро боз ҳам такмил диҳад, аз тарафи дигар, аз китобхонаи бойи дарбор истифода бурда, мустакилона илмҳои гуногунро

боз ҳам чукуртар омӯхта, ба донишмандӣ шӯҳрат пайдо кунад. Вай ҳанӯз дар замони ҳукуматдории амир Насруллоҳ аз ашхоси соҳибмаърифати аҳли дарбор маҳсуб мешуд.

Аҳмади Дониш мувофиқи супориши амирони Бухоро ба Русия се маротиба сафар намудааст. Ҳангоми ин сафарҳо бо ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва махсусан маданияти Русия ба қадри имкон аз наздик шинос шуд. Ин сафарҳо дар ташаккулёбии ҷаҳонбинии ӯ – ҳамчун маорифпарвар ва ислоҳотхоҳ нақши муҳиме бозиданд.

**Андешаҳои ислоҳотхоҳонаи Аҳмади Дониш**

Аҳмади Дониш солҳои 1870-1873 рисолае таълиф намуд, ки он ба номи «Рисола дар назми тамаддун ва таовун» маъруф аст. Ин рисола дар асл барномаи ислоҳоти ҷиддии тарзи давлатдорӣ ва асосҳои иҷтимоии аморати Бухоро ба ҳисоб меравад.

А.Дониш дар ин рисола барои идоракунии мамлакат тартиботи вазорат ва маҷлиси машваратӣ (парламент)-ро зарур мешуморад. Ба ақидаи ӯ ҳуқуқи амир, чун ҳокими мутлақ бояд дар асоси қонун (Конститутсия) маҳдуд карда шавад. Ба ғайр аз ин дар рисола оид ба сохт ва ҳуқуқи вазоратҳо, тартибот ва мавқеи қувваҳои ҳарбӣ, ҳуқуқ ва мартабаи амир, муносибати давлатдорон бо халқро батафсил баён кардааст.

Бо андешаи А.Дониш подшоҳ ҳамон вақт адолатхоҳ шуда метавонад, ки даҳ шартро риоя кунад. Шарти аввал, бо андешаи нависанда, «дар ҳар воқеа, ки раоёри пеши ҳоким афтод, подшоҳ худро дар он воқеа аз раоё тасаввур кунад ва дигареро бар худ ҳоким донад. Ва дар он ҳам ҳар ҳукм, ки аз дигаре ба худ раво намедорад, мисли он (яъне онро-Н.Х.) аз худ ба дигаре раво надорад ва агар раво дорад, хиёнат карда бошад».

Ё худ дар шарти ҳафтум мегӯяд: подшоҳи одил ҷон ки аз хатари ҳукумат ва вилоят ғофил набошад. Ва яқин донад, ки мансаби аморату ҳукумат олатест, (ки) бад-он саодату некномии дунё ва охират касб метавон кард. Ва ҳам шақовату гирифторӣ ва бадномии абадӣ ҳосил тавон намуд».

Дар шарти нуҳум гуфтааст: «..., некбахтарин раиятдорон касест, ки раият бад-ӯ некбахт аст, ва бадбахтарин касе он аст ки раият бад-ӯ бадбахт аст».

А.Дониш дар назди амир Музаффархон шарт мегузорад, ки танҳо дар сурати қабул гардидани андешаҳояш оид ба ислоҳот вай метавонад дар кори идораи давлатии амирӣ иштирок намояд. Амир аз чунин пешниҳоди бебоконаи А.Дониш дар пояи давлатдории худ хавфе бурда, на танҳо онҳоро қабул накард, балки худи ӯро аз дарбор дур намуда, аввал ба Ғузор, баъд дар Нахрпай қозӣ таъин намуд.

**"Наводир-ул-воқоеъ"-и Аҳмади Дониш**

Нависанда аз соли 1875 ба навиштани шоҳасари худ «Наводир-ул-вақоеъ» шурӯъ намуда, онро дар муддати 15 сол ба итмом расонид. Ӯ соли 1885, танҳо баъди марги амир Музаффархон ва ба тахт нишастани амири ҷавон – Абдулахалхон, ба Бухоро баргашт ва бо марҳамати амири нав муддате китобдори мадрасаи Ҷаъфархоҷаи Бухоро таъин гардид. Ин ҳама ба нависанда имконият дод, ки шоҳасари худро ба итмом расонида, онро дар байни ҳаводорону ҳамфикрони худ паҳн намояд.

А.Дониш дар «Наводир-ул-вақоеъ», чун шоҳиди замон иллатҳои иҷтимоӣ, нобарорӣ ва беадолатиҳои ҷамъияти феодалии Бухоро, қафомондагии ҳаёти маданӣ, тарзи шахшудаи таълим дар мактабу мадрасаҳо, симои манфури табақаҳои ҳукмрони амирӣ, ки нисбат ба мардум бераҳмӣ зоҳир менамуданд, ҷаҳолат ва ғафлатзадагии арбобони динӣ ва ғайраро хеле сахт танқид намудааст. Муаллиф «Рисола дар назми тамаддун ва таовун»-ро ҳамчун яке аз қисмҳо ба он дохил кардааст.

Иншои «Наводир-ул-вақоеъ»-ро уламои расмии Бухоро, амир ва аҳли дарбор зараровар ҳисобида бошанд, зиёиёни пешқадами Бухоро онро бо мамнуният қабул карданд. Асар дар бедории мардуми тоҷик, умуман зиёиён нақши муҳиме бозид. Худи нависанда аз доираи зиёиёни Бухоро дар канор набуд. Ӯ ҳама вақт як чанд нафар уламо ва толибаҳои боистеъдодро дар атрофи худ ҷамъ намуда, оид ба фасодҳои замона ва роҳҳои аз он баромадан сӯҳбатҳо меорост. А.Дониш тавассути сӯҳбатҳо ва паҳн намудани ақидаҳояш, инчунин таълифи асарҳои гаронбаҳояш, барои дар шароити Бухоро ба вуҷуд омадан ва ташаккул ёфтани як равия ё худ ҷараёни нав — равияи маорифпарварӣ замина гузоштааст.

### Аҳмади Дониш - асосгузори ҳаракати маорифпарварӣ

Маорифпарварӣ, ин ҷараёни иҷтимоию сиёсӣ ва адабию фарҳангист, ки зиёиёнро аз ғафлати замони кӯҳнаи феодалӣ бедор намуда, онҳоро ба замони нав, замони тантанаи илму амал ва адолат даъват мекард. Тарафдорони ин ҷараён (ё худ равия) маҳз бо роҳи тарғиби ғояҳои хайр, адолат, илму маърифат иллатҳои сохти муайяни ҷамъиятиро барҳам задан, анъанаю маишат ва сиёсати онро тағйир додан мехостанд. Андешаҳои Аҳмади Дониш ҳам пурра ба ҳамин мақсад равон гардида буд. Бинобар ин, ӯро асосгузори ҷараёни маорифпарварии на танҳо Бухоро, балки Осиёи Марказӣ ҳисоб мекунанд.

Дар ғояҳои маорифпарварии А.Дониш ҳақиқатан ҳам тамоми ҷиҳатҳои мусбати афкори фалсафӣ ва иҷтимоию сиёсии на танҳо халқи тоҷик, балки дигар халқҳои Осиёи Марказӣ, мамлакатҳои ҳамҳудуди Шарқ ва ғайра таҷассум ёфтаанд. Барои ташаккули ин ғояҳо таассуроти сафарҳои Петербург, махсусан нақши муҳиме бозидааст. Зеро, дар натиҷаи ин сафарҳо бо чашмони худ дид, ки ватанаш – Бухоро нисбат ба Русия то кадом дараҷа аз ҷиҳати иқтисодӣ, сиёсӣ ва маданӣ қафо мондааст.

А.Дониш аз барҷастатарин ва фозилтарин одамони Бухоро ба ҳисоб мерафт. Ӯ пешрафти иқтисодию сиёсӣ ва маданиии ватани худро мехост. Орзу мекард, ки мулкаш обод ва мардуми он хушбахт бошад.

**Сарчашма:**

А.Дониш яке аз шартҳои давлатдориро чунин тасвир кардааст: «Бидон, ки вилоят доштан кори бузург аст ва халифагии ҳақҳ таоло кардан аст ва дар ҳама авомиру навоҳӣ иқтидо ба сулуки илоҳӣ намудан ва асл дар вилоятдорӣ ва ҳукумат илму амал аст. Ва султонро ин миқдор илм лобудд аст, ки бидонад, ки вайро дар ин олам барои чӣ овардаанд ва қароргоҳи вай чист? Дунё манзилгоҳи вай аст, на қароргоҳи вай. Ва вай бар сурати мусофирест, ки раҳими модар бидояти манзили вай аст ва лаҳад ниҳояти манзили вай». (*Ниг.*: Дониш А. Наводир-ул-вақоеъ. Китоби 2- Душанбе 1989. – с 117, 130-131)